# *Ду дӯст дар хатар*
# *ва*
# *34 ҳикояи дигар*

## *Мундариҷа*

*1. Ду дӯст дар хатар.......................................... 5*

*2. Лӯхтаки дуздидашуда................................. 28*

*3. Чӣ тавр хоҳари Марям роҳ гаштанро омӯхт........................................... 35*

*4. Занги телефон ба зери об........................... 39*

*5. Кӣ дар беморхона буданро дӯст медорад?............................................. 44*

*6. Писари гумроҳшуда..................................... 58*

*7. Сомарии нек................................................. 61*

*8. Мағораҳои Кумрон....................................... 62*

*9. Китоби машҳуртарин дар ҷаҳон.......................................................... 64*

*10. Филм дар бораи ҳаёти мо........................ 70*

*11. Рӯбу чини хона.......................................... 71*

*12. Ба хона баргард......................................... 72*

*13. Заҳри шоҳбезак.......................................... 73*

*14. Мактубе аз дӯст......................................... 74*

*15. Исбот.............................................................. 75*

*16. Дар Китоби Муқаддас зиддият нест............................................ 76*

*17. Китоби Муқаддаси дар даруни девор ниҳон................................................ 76*

*18. Китоби Муқаддаси пухташуда............. 80*

*19. Китоби Муқаддаси тирхӯрда................ 81*

*20. Китоби Муқаддаси фурӯхташуда......... 82*
*21. Китоби Муқаддаси шинокунанда........... 84*
*22. Китоби Муқаддаси даронидашуда......... 86*
*23. Китоби Муқаддасе ки мавҷ ба соҳил овардааст............................................ 87*
*24. Китоби Муқаддаси партофташуда......................................... 88*
*25. Китоби Муқаддаси беқадршуда............ 89*
*26. Китоби Муқаддас...................................... 90*
*27. Китоби Муқаддаси хурдтарини чопшуда................................. 92*
*28. Китоби Муқаддаси микроскопӣ............. 92*
*29. Китоби Муқаддаси калонтарин............. 92*
*30. Аз ақл берун?.................................................... 93*
*31. Мактуби Ман.................................................... 93*
*32. Ба сухани Ӯ бовар кун..................................... 93*
*33. Касе ки дуо намекунад.................................... 94*
*34. Дастуруламал.................................................... 94*
*35. Китоби Муқаддасро чӣ тавр хондан лозим аст? .......................................... 95*

# 1. Ду дӯст дар хатар

– Рауф, Рауф! – Рауф дар ҳеҷ ҷо дида намешуд.

– Ин бача боз дар куҷо бошад? Доим ӯ ҳамин хел аст, – ба ғазаб омад падар. – Охир ман тамоми шаб мошин рондам. Оё Рауф, ба мисли дигарон, дар кашондани борҳо кӯмак карда наметавонад?

– Мо зиёда аз 2000 км масофаро тай кардем, – бо фахр гуфт Комила.

– Бе шӯхӣ? – хабардор шудан хост Фаридун. Рақами 2000 ба ӯ маъқул шуд. Рақами 1000 барои ӯ ки сесола аст, доим калонтарини ҳама рақамҳо буд.

– Бачаҳо, аз мошин кашондани борҳоро давом диҳед. Онҳоро беаҳамият ба як кунҷ напартоед, зеро ки онҳоро боз ҷо ба ҷо кардан лозим меояд. Оҳ, аз ин борҳо дилгир шудем! – оҳ кашид модар.

Онҳо базӯр ҳама чизро ба хона даровarданд: либоси оббозӣ, лавозимоти шиноварӣ, сачоқ, баллони оббозӣ, китобҳо, ҷомадон ва сумкаҳо.

– Уф, ин офтоб моро чунон дӯст медорад... соат нав 11.00 шудааст. Чӣ, ҳамааш дар мошин ҷой мегирад? – ҳайрон шуд падар ва бо остинаш арақро аз пешониаш тоза кард. Ҳароратсанҷак рақами 32-ро нишон дод. – Рауф! Ин бача ҳоло ҳам ёфт нашуд.

– Ӯ ба фикрам бо Сомон дар об аст, – тахмин кард Зебо. – Чунки ӯ дар даст либоси оббозӣ дошт.

Лувипп, Лувипп. Ин ҳуштакзании Рауф буд.

Аз дурӣ ӯ дастонашро ҷунбонида, бо тамоми қувваташ дод зад:

– Об тамоман гарм аст.

Ӯ саросемавор сумкаҳоро мекофт.

– Айнаки шиноварӣ дар куҷост?

Дар ин лаҳза тоқати падараш тоқ шуд:

– Гӯш кун, бача, аввал анҷомҳоро ҷо ба ҷо мекунем. Охир мо якҷоя ин сафарро гузаронидем, якҷоя бо мошин омадем ва якҷоя дар ҳавз оббозӣ мекунем. – Овози падар пур аз ҳаяҷон буд. Ӯ бе сабаб ҷанг немекард, чунки дигар кӯдакон низ мехостанд дар ҳавз оббозӣ кунанд. Соҳили кӯл онҳоро чун оҳанрабо ба худ мекашид. Ин аҷоиб нест, зеро ҳаво хеле гарм буд.

– Ин дафъа таътили хеле хуб мешавад, –шодӣ мекард Рауф. Охир Сомон, дӯсти мактабии вай, бо онҳо буд. Онҳо аллакай дар хона барои ин се ҳафта нақша кашида буданд.

– Акнун ту танҳо ба Фаридун нигоҳ мекунӣ, – Комиларо азоб доданӣ шуд Рауф. Комила ба ӯ гап гардонданӣ шуд, ки Рауф дод зада гуфт:

– Ба кӯдакони хурд нигоҳ кардан аз давраи қадим кори занона аст.

– Ҳа, чӣ шуд? – аз ҳоли онҳо хабардор шуданӣ буд модар. Ӯ ҷавобро интизор набуд. Ӯ банди корҳои зиёд буд. – Мо ба қарибӣ ҷо ба ҷо мешавем? Кай ба назди соҳил меравем?

Тамоми гурӯҳ дар ҳаяҷон буданд. Ба соҳил, ба назди рег! Падар, ки ҳамаи инро мешунид, аз таҳти дил хандид. Ӯ аз мошинхона (гараж) баромад. Ӯ ки механик буд, суръати мошинҳоро тез карда метавонист.

Сомон хеле хурсанд буд, ки ин оила ӯро бо худ гирифтанд. *“Онҳо боз чӣ кор мекунанд”,* – фикр кард ӯ. Сомон танҳо як чизро намефаҳмид: Онҳо доим дуо мекарданд. Вақте ки дар мошин нишаста буданд, аллакай пеш аз роҳ дуо карданд. Ва дертар боз: *“Падари меҳрубони Осмонӣ,* – мегуфтанд онҳо. – *Раҳмати калон, ки ту моро дар роҳ нигаҳбонӣ кардӣ, ва бо мошин ҳеҷ чиз нашуд ва мо сиҳату саломат ба ин ҷо расидем”.* Баъд падарашон аз Худо дар хусуси вақти пурбаракат дар вақти таътил илтимос кард. *“Хайр,* – фикр кард Сомон, *– зарар надорад”.*

– Вой! – Сомон ба буттаи марминҷон бархӯрд. Хори он ба мисли сӯзан тез буд. – Ин қадар ин чизҳо хатарноканд, – ғур-ғур кард ӯ.

– Хайр, ин ҷо эҳтиёт шудан лозим аст! – зӯракӣ хандид Рауф. – Ҳама хуб медонанд, ки хорҳои он сахт мехаланд. Аммо ту ба ҳар ҳол бехун намемонӣ, – ӯро ором кард Рауф ва рӯймолчаашро ба ӯ дароз кард.

Акнун Рауф худро мисли роҳбари саёҳат ҳис мекард. Чизҳои муҳимеро, ки ӯ медонист, бо фахр ба Сомон нишон медод.

– Ассалом, акаи Манучеҳр. – Ин саломи дабдабанок буд.

Ҳамсоя сарпӯши хасинашро ҷунбонид. Ӯ онҳоро дид.

– О, салом Рауф! Ту чӣ хел?

– Нағз. – Рауф низ сарашро ҷунбонид ва ба тарафи Сомон пичирос зад: – Ин ҳамсоя аст. Ӯ дар ин ҷо хонаҳоро посбонӣ мекунад. Акаи Манучеҳр марди хуб аст, меҳрубон ва доим ба

ёрдам тайёр. Рауф инро хуб медонист.

*“Одамони ин ҷо, бар хилофи мо, саросема нестанд. Ба фикрам, ин ба иқлим вобастагӣ дорад”,* – андешид Рауф. Сомон бошад танҳо сар ҷунбонид, барои ӯ ҳамаи ин нав буд.

Дар ин вақт Сомон майкаашро кашид. Ӯ танҳо бо либоси оббозӣ меистод.

– Ба пӯстат аҳамият деҳ! – масхара кард Рауф. – Офтоб дар ин ҷо рӯзу шаб медурахшад.

Ӯ бо дасташ ба миёни лучи Сомон зад.

Маслиҳат кардагӣ барин ҳама ба тарафи соҳил давиданд. Мисли сагҳои сар додашуда ҳамаашон ба об ҷастанд. Модар чизе гуфтанӣ шуд, лекин нагуфт. Хайрият – хайрият, ки ӯ ҳам боре вақт ёфт.

*“Аввал ба об,* – андешид падари Рауф. – *Ва баъд дар бораи нақшаи имрӯза фикр мекунем”.*

Таътил – саёҳат – офтоб – соҳил – хурсандии пай дар пай. Рӯзҳои якум пур аз ҳодисаҳои хурсандибахш буданд. Об гарм буд. Офтоб ҳар рӯз медурахшид. Баъзе ҷойҳои бадан аз нури офтоб месӯхтанд. Бадани Сомон бештар месӯхт.

– Картошкаи кӯҳна, – масхара карда гуфт Рауф ва оҳиста бо дастонаш миёнашро ламс кард. Ӯ суп-сурх шуда буд. Фаридун бо фахр шишаи шарбати лимонро ба даст гирифт. Дигарон ба тарафи вай давиданд.

– Ба ғайр аз нӯшидани шарбати лимон ӯ дигар кор надорад, – хабар дод Рауф. Лекин ба қарибӣ онҳо ором шуданд.

– Хайр, ташнагӣ назар ба азёдкунӣ сахттар аст, – Сомон масхара карданро бас кард. Ва дар бегоҳ? Оҳ, як мошин пур аз об оварда мешуд,

чӣ хел нағз буд-а! Вале ташнагӣ хурсандӣ ҳам дошт, чунки оби лимон хеле гуворо буд.

Навбатчии ошхона! Лекин назар ба хона ин ҷо дигар хел буд. Дар ин ҷо ҳама ёрӣ доданро дӯст медоштанд. Охир, ҳама сахт гурусна буданд. Як кас картошка пӯст мекард, дигаре дастархон мепартофт. Падар бо реза кардани гӯшт машғул буд. Модар салат тайёр мекард.

Падари Рауф оилаашро беш аз ҳама дӯст медошт. Дар таътил ӯ худро дигар хел ҳис мекард. Хайрият, ҳозир вақт дорад, ки бо ин чор шӯхчаҳо бозӣ кунад. Лекин бегоҳӣ як чиз шуд: Падари Рауф қариб хӯрокашро тамом карда буд, ки ӯро хоб зер кард. Ва баъд "ррхҳ, ррхҳ, ррхҳ" шунида шуд.

– Дадаам хоб аст, – эълон кард Фаридун ва ба назди ошхона рафт, то ин хабарро ба модараш расонад. – Дадаам хоб аст, ман ӯро шунидам.

Лекин пас аз понздаҳ дақиқа падарашон аз хоб хеста буд:

– Оҳ, чӣ қадар хуб аст! Ҳозир бозӣ кардан мешавад. – Падари Рауф бо дастонаш ба пойҳояш зада, хест ва баъд боз ба сари курсӣ такя кард.

– Охир, ин таътил аст. Акнун вақт дорем... – Онҳо ин хислати падарашонро дӯст медоштанд. Ӯ акнун барои онҳо вақт дошт. Ӯ бо онҳо ҳар гуна бозиҳо мекард.

Гоҳо онҳо дар бораи масъалаҳои душвори худ низ гап мезаданд.

– Дадаам марди беҳтарин аст, – қарор кард Фаридун.

Ва аз дигарон пинҳонӣ падари Рауф ба гӯши

занаш пичирос зад:

– Ва очаатон – беҳтарин зан.

Онҳо дар бораи Худо, Исои Масеҳ ва ғамҳои хурду калони оила сӯҳбат мекарданд. Онҳо ҳамчунин дар бораи оянда гап мезаданд: касб, мактаб ва ғайра. Рауф дар таътил дар бораи мактаб тамоман фикр кардан намехост, чунки дар омӯзиши забон душвориҳо дошт. Лекин ҳозир ӯ қарор дод, ки барои кушодани дафтару китоб вақти мувофиқ нест. Дертар, хеле дертар ӯ ин дарсро иҷро мекунад.

Сомон худро дар назди ин оила нағз ҳис мекард. Гоҳе ба фикраш меомад: *“Танҳо дар бораи хона фикр накун”*. Ба қарибӣ ӯ боз танҳо дар ҳуҷрааш нишаста, мусиқӣ гӯш мекунад, ба телевизор нигоҳ мекунад ва компютер бозӣ мекунад. Ӯ то ин вақт дӯсти ҳақиқӣ надошт. Лекин ӯ бисёр савол дошт. Падараш ҳамеша дар сафар буд. Модараш дар куҷое фаррош шуда кор мекард. “Оҳ, оҳ, – бисёр вақт ғамгин шуда мегуфт модар, – пулро дар куҷо монда бошам?”

Гоҳе падараш маст ба хона меомад ва ҷанҷол мекард. Модараш гиря мекард. Лекин дар ин оила ҳамааш баръакс буд.

*“Ба ғайр аз он ки онҳо ин қадар бисёр Китоби Муқаддас мехонданд ва дуо мекарданд, дигар ҳамааш хуб аст,* – фикр кард ӯ*”.*

Онҳо аз кӯдакиашон ин корҳоро мекарданд ва ба ҷамоат рафтанро дӯст медоштанд. Зебо ва Фаридун шодона дар бораи дарсҳои мактаби якшанбегӣ ҳикоя мекарданд. Рауф ба гурӯҳи ҷавонон мерафт. Ӯ Сомонро ба ин дарсҳо даъват карда буд. Сомон қарор дод, ки ягон рӯз

меояд.

– Хезед, хӯроки наҳорӣ тайёр шуд! – Рӯзе набуд, ки онҳо дар ошхона хӯрок хӯранд. Ҳама дар берун, дар тагӣ чатри офтобӣ хӯрок мехӯрданд. *“Ташаккур, Падари Осмонӣ, ки ту ба мо ин рӯзҳои офтобиро тӯҳфа мекунӣ”.* Падар чун ҳарвақта Китоби Муқаддасро ба даст гирифт ва андешид: *“Китоби Муқаддас китоби муҳимтарин дар таътил аст. Имрӯз мо давом медиҳем. Луқо 15 дар навбат аст”*.

– Ҳикоя дар бораи писари гумроҳ, – хабар дод Фаридун. – Ман аллакай хондам.

*“Ба назар чунин мерасид, ки онҳо барои ин дарсҳои Китоби Муқаддас хеле хурсанд ҳастанд”*, – бо хашм фикр кард Сомон. Ва дар ҳақиқат, ҳама бо худ Китоби Муқаддаси худро оварда буданд. Онҳо бо навбат як оятӣ хонданд ва ҳатто Сомон низ як оятро хонд: *“... ва ӯ бархоста, ба назди падараш рафт”*. Ин фикр ба ӯ аҷоиб тофт. Падар... Магар аз падар гурехтан хуб нест? Ӯ чанд бор гурехта буд. Хайр, ҳа, агар ҳама ба монанди падари Рауф мебуданд. Ӯ танҳо падарҳоеро мешинохт, ки мисли падари худаш буданд. Ва падараш барои ӯ вақт надошт ва ҳатто ягон калимаи нек ба ӯ намегуфт. Ғайр аз ин ӯ бо модараш сахт ҷанҷол мекард, ки Сомон чунин вазъиятро базӯр дар хонаашон тоқат мекард.

– Ҳикояи писари гумроҳ, – мард суханонашро ҳамин тавр оромона оғоз кард. – Бисёриҳо ин ҳикояро медонанд. Мо ҳама ба мисли писари гумроҳ ҳастем. Мо аз Худо дур шудаем. Ва аз Худо дур шудан гуноҳ аст. Агар мо инро фақат хоҳем, ин гуноҳ аст. Дар бораи чизҳои бад

гап задан, фикрронии бад доштан ва кардани корҳои бад гуноҳ аст. Лекин Худо моро дур шудан намемонад. Ӯ нисбати мо бепарво нест. Бо вуҷуди ин, ӯ хоҳиши озодонаи моро нигоҳ медорад. Писари гумроҳ баргашт. Ӯ фаҳмид, ки дар мушкилиҳои калони ӯ танҳо падараш ёрӣ дода метавонад. Ҳа, Худо бисёр вақт мушкилӣ медиҳад. Лекин дар вақти душворӣ ба мо дуо карданро меомӯзад. Ва Худо дуоҳоро мешунавад. Ин чизи ғамангез аст, ки мо танҳо дар вақти сахтӣ назди Худо меоем.

Вақте ки падараш гап мезад, Рауф бо диққат гӯш мекард. Ду сол пеш Рауф Масеҳро ҳамчун Сарвари худ интихоб кард. Ӯ низ чун писари гумроҳшуда назди Худо баргашт.

– Акнун мо якҷоя дуо мекунем, – гуфт падари Рауф. – Касе ки ягон мӯҳтоҷӣ дошта бошад ё ба Худо шукр гуфтанӣ бошад, марҳамат, гӯяд.

Ба ғайр аз Сомон ҳама дуо карданд. Ӯ дар ин ҳолат шарм дошт. Ва аз дигар тараф ӯ қарор дод, ки ҳеҷ вақт ба душворӣ намеафтад. Ӯ қарор дод, ки ба худаш кӯмак мерасонад. Агар ӯ рӯзе дар ҳақиқат ба душворӣ афтад, ба ҷӯрааш Рауф мурочиат мекунад. Ин ба ӯ кифоя аст. Лекин ҳоло касе намедонист, ки онҳоро чӣ интизор аст.

– Ту ягон бор дар он ҷо будӣ? – фаҳмиданӣ шуд Сомон.

Инро гуфта, ӯ ба тарафи қаторкӯҳи наздик ишора кард.

– Не, ин барои ман беҳад дур аст. Дар ин гармӣ ман аз ақл бегона мешавам. Ва аз дигар тараф, дар он ҷо ҳеҷ чизи диданӣ нест. Пештар дар он ҷо мис ва нуқра мекананд, –

гуфт худ ба худ Рауф.

– Агар бо мошин ба тарафи шаҳр равем, дар роҳ конҳоро дида метавонем.

Сомон ҳуштак кашид:

– Пас, конҳои нуқра ва мис.

– Намедонам, ба ҳар ҳол акаи Манучеҳр ҳамин хел гуфт, – зуд ҷавоб дод Рауф. – Дар он ҷо пеш одамон зиндагӣ мекарданд. Дар шаҳр роҳҳое ки онҳо сохтаанд, дида мешаванд. Он дар таги замин бо сангҳо сохта шудааст. Падарам ҳатто як зарфи кӯҳнаи он вақтаро ба даст овард. Он пур аз лаққамоҳӣ буд, ба фикрам он дер боз дар таги об буд, – чашмакӣ зад Рауф. Нури офтоб чашмонашро хира мекард. – Дар он ҷо пеш арабҳо зиндагӣ мекарданд. Харобазорҳо ҳоло низ маълуманд. Дар он ҷо рӯбоҳу харгӯш ба якдигар хоби хуш мегӯянд. – Рауф асроргӯӣ мекард ва Сомон бо диққат ба ӯ гӯш медод.

Ӯ ҳеҷ чиз намегуфт. Фикрҳои ӯ пур аз хоҳиши амал кардан буданд. *"Воҳ,* – фикр кард ӯ, – *бӯи моҷароҷӯӣ меояд".* Ӯ доим чизи шавқоварро дидан мехост. Мумкин дар ин ҷо конҳои кӯҳнаи нуқра ва мис бошанд? Ӯ фикр мекард, ки даруни конҳо ба мисли берун гарм нест.

– Бо ман меравӣ? – Дар овози Сомон чизе буд, ки Рауфро ба рафтан даъват мекард. – Илтимос, биё. Мо дар наздикиҳо саёҳат мекунем! Бисёр не.

Онҳо ба дучархаҳо савор шуда, чилу панҷ дақиқа роҳ рафтанд. Сару рӯяшон ба мисли помидор сурх шуда буд.

– Биё ба боло меравем, – фармон дод Сомон.

Ӯ тамоман бетоқат буд.

– Дучархаҳоро дар куҷо мемонем? – саргум шуда, пурсид Рауф. Ӯ бо ҳарос ба тарафи дучархааш ишора кард.

– Ин ҳеҷ ҷои душворӣ надорад. Онҳоро дар пушти ин буттаҳо пинҳон мекунем. Ҳеҷ кас ба ин баландӣ намебарояд.

Дар ин вақт Рауфро виҷдонаш азоб дод. Ӯ медонист, ки ба саҳни сохтмон даромадан мумкин нест. Ва албатта ба конҳои кӯҳна низ даромадан мумкин нест. Падараш инро чандин маротиба ба ӯ гуфта буд:

– Бе иҷозат ба даруни сохтмон даромадан манъ аст!

Агар ягон чиз шавад, инро Рауф медонист, волидайнаш ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Сомон дар бораи ҳамаи ин чизҳо донистан намехост. Ӯ аллакай саргарми амалиёт буд.

– Агар ту, тарсончак, бо ман набиёӣ, майлаш. Ман худам ба дидани конҳо меравам.

Лекин Рауф тарсончак будан намехост. Ӯ ҳамаи фикрҳои тарсоварро аз худ дур карда, аз пушти Сомон рафт. Ба Рауф ва Сомон салқинии назди кон маъқул шуд.

– Даромада бинем-чӣ? – Ӯ ҷавоби Рауфро интизор нашуд. Ӯ бархоста, деворро ламс карда, хост ба дарун дарояд.

– Сӯрохии торик. Ҳамааш шаби бемоҳ барин. Даромада наметавонем, – гуфт Рауф бо овози хашмолуд. – Мо чароғак надорем ва дар ин торикӣ ҳеҷ чизро дида наметавонем.

Сомон дар ин вақт саросемавор сумкаашро мекофт ва ногоҳ чизи ҷилодорро баровард:

– Ана як чароғак дорем, – Сомон хандида, онро ба таги бинии Рауф наздик овард. –

Ҳа, ту ҳоло бояд бисёр чизҳоро омӯзӣ. Дар бораи ин хел чизҳо фикр кардан даркор аст, – ҳавобаландона гап мезад ӯ.

Дар ҳақиқат чунин менамуд, ки Сомон ҳама чизро пешакӣ фикр кардааст.

Онҳо оҳиста-оҳиста андак масофаеро дар кон тай карданд. Кон чунон ором буд, ки онҳо ҳатто нафаскашии худро шунида метавонистанд. Сомон мехост бо асбоб сангеро аз девор канад.

– Эй, эҳтиёт шав, ҳамааш чаппа шуда метавонад! Биё, нағзтараш баргардем. Дар ин ҷо ҳеҷ чиз нест. Оё ту дар ҳақиқат фикр кардӣ, ки нуқра дар даст ба хона бармегардӣ?

– Танҳо якчанд метри дигар, – ӯро ором мекард Сомон. Акнун чашмони онҳо ба торикӣ одат карданд.

– Нигоҳ кун, ки дар куҷо истодаӣ, – ӯро огоҳ карданӣ шуд Рауф. Лекин суханашро тамом накарда, Сомон ба як чизи нӯгтез бархӯрд.

– Аҳ! – дод зад ӯ. – Ту медонӣ, ки ин чист? – бо дастонаш аробаеро ламс карда гуфт вай. – Оҳ! – овози Сомон меларзид. – Мумкин ин чиз ҳоло ҳам кор кунад. Пеш мисро ба воситаи ин ба берун меоварданд-ку.

Дар ин ҳолат Рауф низ ҳама фикрҳои худро гум кард. Дар оромӣ ӯ аз Сомон ибрат мегирифт, ки чӣ тавр ӯ аробаро ба кор даровардани мешавад.

– Ҳа ҳоло ҳам он кор мекунад, – нафаси чуқур кашида гуфт Сомон.

– Эҳ, боз ягон чизи бад накунӣ, – ӯро огоҳ кард Рауф. – Агар воқеае шавад, моро ҳеҷ кас дар ин ҷо намекобад.

Онҳо даст-даст карда, ба даруни кон рафтанд. Чароғ ба онҳо кӯмак мерасонд, ки шакли онро бинанд. Дар ҳама ҷо чӯбҳои пӯсида дар сангҳо овезон буданд.

– Ин кон чандсола бошад? – Сомон чӯбҳои пӯсидаро аз назар гузаронид.

– Хеле кӯҳна, дар ҳақиқат хеле кӯҳна, – фикр кард Рауф бо овози нимшунаво.

– Канӣ, чароғро як бор хомӯш кун, – хоҳиш кард аз ӯ Сомон. Шаби торики бемоҳ буд. Онҳо худро хеле танҳо ҳис карданд.

– Эҳ, агар нохост дар ин ҷо чароғи мо аз кор монад, чӣ мешавад? – тарсонид ӯро Рауф.

– Беҳуда гап назан, – Сомон аз ин гапҳо хашмгин шуд. – Мо ҳамагӣ чӣ қадар ба дарун даромадем?

Ҳеҷ яке аз онҳо вақтро дар хотир надошт. Як соат ё аз он зиёдтар шуд, ки онҳо дар ин кон ҳастанд?

– Як бор гӯш кун! – Забони Рауф аз саросемагӣ мепечид. Ӯ гӯё дар ҷояш ях баста буд. Дили ӯ сахтар мезад.

– Ана! – Овози баланди гулдуросӣ. – Ароба! – Сомон бо тарс фарёд кард. Онҳо саросемавор дар торикӣ давиданд.

*“Аробае ки Сомон ба он расида буд, худ ба худ ба ҳаракат омад,* – фикр кард Рауф, – *ва акнун он бо суръати тез ба тарафи мо меояд. Худоҷон, ёрӣ расон!”* Дар ин вақт ӯ дар бораи беитоатии худ фикр кард. Падараш ӯро аз рафтан ба тарафи сохтмон манъ карда буд. Ва акнун ҷазои ин беитоатиро мекашад. *“Худоҷон, ёрӣ расон!”* Рауф худро чун соя ба девор часпонид, то ки ароба аз пешаш гузарад. Ногоҳ овози баланди

сангҳо ва садои фурӯ рехтани рег шунида шуд, пас аз он ҳама ҷоро чанг фаро гирифт ва баъд оромии том ҳукмфармо шуд. Тамом?

Рауф баданашро ламс кард. Ҳамааш соз? Ӯ аз як тарафи баданаш дарди сахтро ҳис мекард. Сомон дар куҷо бошад?

– Сомон? – гирист ӯ. – Сомон, ту дар куҷоӣ?

Аз Сомон ҳеҷ чиз шунида намешуд. *“Сомон? Сомон дар куҷо бошад? Мурда бошад? Ӯ мурдааст”*, – фикр кард ӯ ва оҳи пурдард кашид. *“Исои Масеҳ, Сомон дар куҷост? Илтимос мекунам, ки Сомон намурда бошад”.* Рауф имрӯз якум бор хунук хӯрд. Ӯ кӯшиш кард, ки ба ягон сӯ ҳаракат кунад. Ин, ин чӣ буд? Ӯ чизи мулоимро ҳис кард. Он меҷунбид.

– Сомон, ин ту ҳастӣ?

– Рауф, ман ин ҷоям. – Овози Сомон базӯр шунида мешуд. – Хуб, ки ҳамааш нағз шуд, – гуфт Сомон ва худро айбдор ҳис мекард, чунки ӯ ин нақшаро тартиб дода буд.

– Мо акнун чӣ кор мекунем? – донистан хост Рауф. – Мо акнун дар зери замин ҳастем. Аз ин ҷо ҳеҷ вақт баромада наметавонем. – Сухани Рауф беоҳанг ва холӣ буд.

Сомон бо чароғ атрофро мушоҳида кард. Онҳо диданд, ки чӣ шудааст. Харсанге аз девор суст шуда ба ароба задааст ва ароба ба ҳаракат даромадааст. Ароба ба ҳаракат даромада, конро вайрон кардааст. Сомон акнун дар бораи ҳикояи имрӯза фикр кард. Лекин ҳозир на танҳо ӯ, балки Рауф ҳам дар душворӣ буд. Мисли писари гумроҳ. Ва ягон роҳ ба сӯи берун набуд. Оё Худо ёрӣ расонида метавонад?

– Биё, дуо мекунем, – пешниҳод кард Рауф.

Сомон номаълум дастонашро ҷамъ карда, аз таҳти дил дуо кард: *“Худоҷон, агар ту дар ҳақиқат ҳастӣ ва зиндаӣ, ба мо ёрӣ деҳ”*. Дар ин вақт Рауф кӯшиш мекард харсангҳоро яктарафа кунад. Бефоида. Сангҳо аз ҷой намеҷунбиданд. Роҳ ба ақиб тамоман маҳкам буд. Кон чаппа шуда буд. Рауф ба тарсу ҳарос афтод. Падару модараш ҳозир чӣ кор мекарда бошанд? Ӯ худро нигоҳ медошт, ашкҳо дар чашмонаш буданд ва гулӯяш маҳкам шуда буд. Ӯ мехост баланд гиря кунад. *“Кошкӣ ман ба Сомон гӯш намекардам. Агар бо ӯ намерафтам...”* Лекин акнун ӯ дар тангӣ буд. Оё онҳо аз ташнагӣ ё аз гуруснагӣ мемуранд? Акнун дар рӯзномаҳо чоп мешавад: *“Ҳангоми таътил кӯдакон гум шуда, ҳалок гардиданд”.* Рауф аз чунин фикрҳо оҳ мекашид. Ӯ дуо мекард: *“Исои Масеҳ, ту ба ҳар ҳол роҳи халосиро медонӣ. Чунки мо акнун дар ҳақиқат дар тангӣ ҳастем”*. Ӯ ҳикояи саҳарироро дар ёд дошт.

– Оё ин кон боз дигар сӯрохӣ дошта бошад? – оҳиста аз ӯ фаҳмиданӣ шуд Сомон. Сомон худро айбдор ҳис мекард. Ӯ беист дар таҳти дил мегуфт: *“Худоҷон, агар ту дар ҳақиқат ҳастӣ, моро аз ин ҷо барор”*. Онҳо оҳиста-оҳиста дар торикӣ роҳ мерафтанд. Ҳар кадоме дар бораи он фикр мекард, ки агар наҷотдиҳандаҳо набиёянд, чӣ мешуда бошад. Онҳо намефаҳмиданд, ки чӣ тавр ба харсангҳо бархӯрда, хуншор шудаанд. Танҳо як фикр дар сарашон давр мезад: *“Мо бояд аз ин ҷо бароем!”*

Ана! Овози чакидан. Онҳо нафас намекашиданд. Овоз бо як суръат меомад: плок, плик, плок, плик.

– Ин об аст. – Овози Сомон мисли зангӯла буд. Ӯ кӯшиш кард, ки назди “плик, плок” ояд.

– Шояд ин ягон чашма аст, ки роҳ кофта ба берун меравад.

Деворҳо нам буданд ва аз шамол дар бадани онҳо мурғак давид.

– Об дар девор мисли нуқра метобад, – фикр кард Сомон. – Лекин ба боло нигар, дар ин ҷо чизе ҷило медиҳад.

Ҳар ду ба боло нигаристанд. Онҳо бо чашмонашон дар торикӣ роҳ мекофтанд. Дуруст, дар он ҷо нуқтаи равшане буд, ки дар миёни харсангҳо дида мешуд. Рауф чашмонашро молид. Ӯ дид, ки ин нуқта худро доим дигар мекард. Ҳа, дар ҳақиқат, акнун нуқта нағз дида мешуд. Ва баъд аз чанд сония он ғоиб шуд. Ин чӣ тавр буда метавонад? Мумкин роҳе ба берун мебарад? Лекин оё дар берун шаби торик набуд? Охир, онҳо чанд соат дар дарун маҳкам буданд.

– Эҳ, ин ситора аст, ин ситора аст! – Сомон аз хурсандӣ чӣ карданро намедонист. Ӯ аввалин шуда инро фаҳмид. Лабҳои ӯ аз шодӣ печ мехӯрданд. – Мо бояд аз ин ҷо бароем, лекин чӣ хел?

Ин вақт аҳли оилаи Рауф ҳама дар ҳаяҷон буданд. Писарон дар куҷо бошанд? Рауф ва Сомон дар куҷоянд? Ҳеҷ кас онҳоро надида буд. Дучархаҳои онҳо дар ҷояшон набуданд. Берун торик буд. Мумкин чизе шуда бошад? Чашмони падар дар торикӣ Рауф ва Сомонро мекофтанд. Танҳо овози чирчиракҳо шунида мешуд ва дар берун як мотосикл мегузашт. Саге аккос мезад. Ҳама оромона дар пешайвон нишаста, дуо мекарданд ва умед доштанд, ки писарҳо ба

наздикӣ меоянд. Лекин ҳама ҷо ором буд. Рауф ва Сомон пайдо нашуданд.

– Оё ба милиса хабар диҳем? – гуфт бо овози ғамгинона Зебо. Маълум буд, ки ӯ ғам мехӯрд.

– Падари Осмонии мо медонад, ки онҳо дар куҷоянд. Ҳоло ҳамааш хуб мешавад. – Падар дасташро ба китфи занаш, ки ӯ дуо карда менишаст, монд. Ӯ дар дилаш дуо мекард.

Дар кон бошад, Рауф ва Сомон бо азоб сангу чӯб ҷамъ мекарданд, то ба шифти кон расида тавонанд. Сомон ларзида, ба болои он рост истод. Сангтӯда меҷунбид, лекин рост истод. Сомон ба боло баромад.

– Мешавад? – донистан хост Рауф, ки бадани ларзони Сомонро дошта меистод.

– Ба фикрам, ҳа, –ҷавоб дод Сомон.

*“Исои Масеҳ, ба мо ёрӣ деҳ, ки роҳро ба берун ёбем”,* – Рауф дар дилаш ин тавр дуо кард. Вақте ки Сомон бо дастонаш сангҳои сустро аз шифти кон меканд, чуқур нафас мекашид. Об баъзе харсангҳоро суст карда буд.

– Акнун мешавад? – пурсид Рауф. Ӯ аз тарс дуо карда, ваъда дод, ки дигар ҳеҷ гоҳ беитоатӣ карда, ин тавр кори беақлонаро намекунад.

*“Ҳа, душворӣ дуо карданро меомӯзад”,* – фикр кард Рауф.

– Ман берунро дидам! – овози Сомон пур аз ҳаяҷон буд.

Чӣ хел? Берун? – дод зад Рауф, мисли он ки ба ӯ сӯзан халида бошад.

– Ана, дастам аллакай дар берун аст, – ҷавоб дод Сомон. Ин роҳ ба берун мебурдааст? Сомон тез-тез харсангҳоро ҷудо мекард, гӯё ки ҳаёташ

ба ин вобастагӣ дошта бошад. Вақте ки шамоли салқин аз сӯрохӣ даромадан гирифт, Сомон ба обу арақ ғӯтида, кор кардан гирифт.

– Сомон, ман ҳам канам!

Сомон эҳтиёткорона аз сангтӯда фаромад. Зонуҳои ӯ меларзиданд. Рауф каме аз Сомон калонтар буд ва ин ба ӯ ёрӣ расонд, ки сангҳоро ба осонӣ гирифта тавонад.

– Эҳтиёт бош! – дод зад Рауф, – санг меояд!

Дар ин лаҳза санге аз назди сари Сомон гузашта, ба поён афтид.

– Эҳ, эҳтиёт кун, ту қариб маро мекуштӣ. – Ӯ инро ҳамчун сарзаниш гуфт, лекин аз овозаш маълум буд, ки ӯ шукр мегуфт ва умед дошт. Рауф сарашро аз сӯрохӣ баровард. Ӯ моҳу ситораҳоро дида метавонист ва овози чирчиракҳоро мешунид. Дуои шукрона аз лабонаш баромад: *"Исои Масеҳ, инро ман ҳеҷ вақт фаромӯш намекунам. Раҳмати калон барои ҳамааш".*

– Акнун чӣ? – бетоқат шуд овози Сомон. – Кӯшиш кун ба берун баромада тавонӣ.

Рауф бо охирин қувваташ кӯшиш кард, ки аз сӯрохӣ барояд. Нашуд.

– Ба ман ёрӣ деҳ, Сомон. Пойҳоямро ба китфат монам.

Рауф кӯшиш карда, чун мор худро ба берун ғелонд. Ӯ ба берун баромад. Акнун ӯ дарди сахтеро дар китфонаш ҳис кард. Ӯ захмдор шуда буд. Хун аз либосаш мегузашт. Ин аҷоиб набуд, харсангҳо хеле тез буданд.

– Сомон, ту маро мешунавӣ? – Рауф ҳар қадаре ки метавонист, баданашро ба сӯрохӣ

меғунҷонд. Ӯ кӯшиш кард, ки дар торикӣ дасти Сомонро гирад. Аммо ӯ танҳо ба холигӣ мерасиду халос.

– Дасти ту кӯтоҳ аст. Ман ба он расида наметавонам, – дар овози Сомон тарс буд. Ак- нун ӯ бояд танҳо дар ин ҷо монад? Агар Рауф ёрдамчиҳоро биёрад ҳам, онҳо ӯро дар ин ҷо намекобанд. *“Исоҷон, ба ман ёрӣ деҳ!”* Сомон фаҳмид, ки ӯ бори якум аз таҳти дил дуо кард. Ногоҳ фикре ба сари Рауф омад.

– Медонӣ, мо ҳозир чӣ кор мекунем? Ман майкаамро мекашам, ва онро тоб дода ба ту дароз мекунам ва ҳамин тавр туро ба боло мекашам. Маро мешунавӣ, Сомон? – Овози Рауф баланд ва бомақсад буд. *“Либоси ман бе ҳамин ҳам даридагӣ аст,* – фикр кард Рауф, *– ва агар боз каме дарад, ҳеҷ гап не. Аз ҳама муҳим он аст, ки Сомонро наҷот диҳам”.* Рауф либосашро ба поён дароз кард. Дастҳо матоъро дошта меистоданд. Ӯ медонист, ки акнун сар дода наметавонад.

– Сомон, матоъро қапидӣ?

– Ҳа! – садо омад аз поён. Рауф бо пойи чапаш ба девор такя мекард. Сангҳои майда ба замин меафтиданд. Лекин Сомон ба матоъ сахт часпида буд. Вақте ки Сомон ба берун баромад, Рауф хаста шуда ба замин афтид. Ягон каси онҳо сухан гуфта наметавонист. Онҳо сахт нафасгир шуда буданд. Дар дилашон аз хурсандӣ Худоро шукр мегуфтанд. Дар ин вақт дили Рауф аз эҳсосот пур шуда, ҳиқ-ҳиқ кунон гуфт:

– Исои Масеҳ, мо ба ту шукр мегӯем, ки моро наҷот додӣ ва ба мо роҳеро ба берун нишон додӣ.

Омин.

Сомон ҳам омин гуфт. Вақте ки падари Рауф ин саҳар Китоби Муқаддасро мехонд, Сомон чӣ фикр мекард? *“Агар ман ба душворӣ афтам, ба ман ёрии ҳеҷ кас даркор намешавад”.* Ва чӣ қадар хуб шуд, ки Худо ба ӯ ёрӣ дод!

– Сомон, кӯҳ чаппа мешавад! – дар овози Рауф тарс буд, ӯ аз ин зиёд чизе гуфта наметавонист. Ӯ Сомонро бо ҳар ду даст дошта, ба замин партофт. Замин дар таги онҳо меларзид. Харсангҳо мерехтанд ва он сӯрохие ки онҳо баромада буданд, худ ба худ афтид.

– Биё, мо аз ин ҷо меравем, – гуфт Рауф. Онҳо дар миёни харсангҳо базӯр роҳ мееёфтанд. Онҳо дар куҷо бошанд? Аз дурӣ чароғҳо дида мешуданд ва моҳ дар болои онҳо роҳро дар торикӣ нишон медод. Дучархаҳо ҳоло ҳам дар ҷои пинҳонкардаи онҳо буданд. Ҳар яки онҳо бе сухан дучархаи худро пеш-пеши худ мебурд. Ҳеҷ кас ба ақиб нигоҳ намекард. Кон барои онҳо даҳшатнок буд. Зарбхӯрда ва айбдор, бо ҳисси ғам ва тарс онҳо ба сӯи хона мерафтанд.

Падари Рауф милисаро хабар дод. Ҳамсояҳо

ҳам хабардор шуданд ва ҳар яки онҳо кӯшиш мекард, ки писарҳоро ёбад. Дар ҳама ҷо одамон меистоданд ва сӯҳбат мекарданд. Онҳоро руздидаанд? Фалокате бо онҳо рӯй додааст? Ду милиса дар болои мотосикли калон нишаста, роҳҳоро мекофтанд.

Дар рӯи тамоми оила ғам дида мешуд. Ҳозир аллакай соат дуи шаб шуда буд, ва ягон хабар аз писарон набуд. Писарон дар куҷоянд? Дар ин лаҳза ба ёди онҳо як оят аз китоби Забур боби 49 ояти 15 омад: *"Ва дар рӯзи тангӣ Маро бихон; туро халосӣ хоҳам дод, ва ту Маро мадҳ хоҳӣ кард". "... туро халосӣ хоҳам дод"*, – онҳо ба ин умед бастанд. Худо чунин ваъда додааст, оё Ӯ онҳоро ноумед мекунад? Ин тавр буда наметавонад, чунки Худо ростӣ аст! Волидон ғами дилашонро зуд-зуд ба Худо мегуфтанд.

Дар ин муддат писарон ба деҳа расиданд. Дар ҳама ҷо истироҳаткунандагон меистоданд. *"Аҷоиб,* – фикр кард Рауф, – *пештар ин тавр набуд"*. Рауф дар таги чароғи якуми роҳ истод. Ҳозир ӯ бори якум дар равшанӣ дид, ки намудаш чӣ гуна аст. Шими даридагӣ. Тамоман чиркин ва доғдор. Ва қисми зиёди баданаш харошидагию хуншор. Оҳ, агар волидон моро ин тавр бинанд, чӣ мешавад? Бо ин фикр Рауф қадамҳояшро оҳиста кард. Танҳо якчанд метр то ба хона монд. Баъд чӣ мешавад? Онҳоро чӣ тавр пешвоз мегирифта бошанд? Ӯ медонист, ки онҳо бе ҷазо намемонанд. Ӯ бояд як чанд химчаи обдор мехӯрд. Онҳо ба волидонаш чӣ карданд?

Онҳо оҳиста дучархаҳоро дар назди дар монда, дарро кушоданд. Ба назари онҳо овози дар

хеле баланд менамуд. Дигарон онҳоро диданд. Аввалин шуда модараш нидо кард.

– Рауф! Сомон! – Вай аз ин зиёд чизе гуфта натавонист.

Ӯ ба назди ҳар дуи онҳо рафта, онҳоро ба оғӯш гирифт ва гиря кард. Аҳли оила онҳоро печонда гирифтанд. Сомон, ки аслан сергап буд, чизе нагуфт. Ӯ ва Рауф худро айбдор ҳис мекарданд. Падар аз ҳар дуи онҳо пурсид. Овози ӯ ҷиддӣ буд, лекин дар он каме шукр ҷо дошт:

– Акнун ба мо айнан ҳикоя кунед, ки чӣ шуд.

Рауф оҳиста-оҳиста сар кард, ва дар бораи тамоми ҳодисаҳое ки дар кон шуда буд, нақл кард.

– Ту медонӣ, ки ту сазоворӣ ҷазо ҳастӣ. Ту медонӣ, ки коре кардӣ, ки анҷоми хеле бад дошта метавонист.

Сари онҳо хам шуда, чашмонашон пур аз ашк шуданд.

– Бубахш, падар. – Аз чашмони Рауф ашк мерехт. – Илтимос, барои ҳама корҳое ки кардам, маро бубахш. Ман медонам, ки мо сазовори ҷазо ҳастем. Ман медонам. – Ӯ сарашро хам карда, дастонашро ба бағалаш монд.

– Ман ба шумо ҷазо намедиҳам. – Падар Китоби Муқаддасро ба даст гирифта, Луқо боби 15-ро боз як бор хонд. – Дар ин нақл падар писарашро бахшид, гарчи ӯ сазовори ҷазо буд. Ва ман ҳам ҳамин тавр мекунам. Мо шуморо мебахшем. – Падар дасташро дароз кард.

Рауф онро гирифта, падарро ба оғӯш гирифт ва ҳиқ-ҳиққунон гуфт:

– Ташаккур, падар.

Сомон намедонист чӣ кунад. Ӯ ҳам дасти падари Рауфро гирифта, бо овози паст гуфт:

– Ташаккур!

– Ва акнун шустушӯ кунеду ягон чиз хӯред ва ба ҷойгаҳи хоб дароед. Шумо хеле монда шудаед.

Ба наздикӣ ҳама чароғҳо хомӯш шуданд. Рауф ин шабро фаромӯш накард, ба Исои Масеҳ барои ин рӯз шукр гуфт: барои наҷот, барои ёрӣ ва нигоҳбонӣ дар ин рӯз.

Танҳо як кас хобида натавонист. Ин Сомон буд. Ӯ худро аз як тараф ба дигар тараф меғелонид. Чӣ мешуд, агар ӯ дар таги сангҳо хобида, дар дӯзах мебуд? Мурда? Тарс ба устухонҳои Сомон таъсир кард. Ӯ намуди кони вайроншударо ҳоло ҳам фаромӯш накарда буд. Худо бо чӣ тарзи аҷоиб ӯро наҷот дод. Худо дуои ӯро шунид. Дар оҳиста кушода шуд. Падари Рауф фаҳмид, ки Сомон ҳоло хоб нест.

– Сомон, – пичирос зад ӯ.

– Лаббай?

– Биё, якҷоя сӯҳбат кунем. Ман фаҳмидам, ки ту хобида наметавонӣ. – Ва ин тавр онҳо дар пешайвон нишастанд. Бори якум буд, ки ӯ бо падари Рауф чунин сӯҳбати дӯстона мекард.

Падари Рауф зиндагии одамонро бо писари гумшуда монанд мекард:

– Бин, Сомон, Худо аз ту интизор аст, ки ба ӯ ҷавоб диҳӣ. Ӯ мехоҳад, ки ту ба хона биёӣ, чунки туро дӯст медорад. Ӯ намехоҳад барои гуноҳҳои ту ҷазо диҳад, Ӯ мехоҳад туро бубахшад. Ва Ӯ чунин карда метавонад. Чунки Писари Ӯ, Исои Масеҳ, дар салиб барои гуноҳҳои мо мурд. Ӯ мурд, то ки мо зиндагӣ карда тавонем. Ӯ

ҷазоро, ки мо сазовор будем, ба худаш гирифт. Ӯ, росткор, барои беитоатии мо мурд. Ва ҳамаи касоне ки ба гуноҳҳояшон иқрор мешаванд ва зиндагияшонро ба Ӯ месупоранд, бо Ӯ дар осоиштагӣ мемонанд. Касе ки аз Худо бахшиш мепурсад ва дилашро ба Ӯ медиҳад, фарзанди Худо мешавад. Ӯ ҳаёти ҷовидонро қабул мекунад. Исои Масеҳ дар китоби Юҳанно, боби 3, ояти 16 мегӯяд: Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад.

Дар ин шаб Сомон ба Исои Масеҳ имон овард ва фаҳмид, ки Ӯ гуноҳҳоро мебахшад. Бори якум Сомон файзи бузурги Худоро ҳис кард: *"Исои Масеҳ, ту аз имрӯз Наҷотдиҳанда ва Роҳбари ман шав. Ту маро қабул кун. Ман Туро пайравӣ мекунам. Маро роҳбарӣ кун, чӣ тавре ки мехоҳӣ. Маро бо роҳҳоят роҳнамоӣ намо. Омин"*.

Падари Рауф Сомонро ба мисли писари худаш ба оғӯш гирифт.

– Сомон, акнун мо якҷоя ҳастем, – гуфт ӯ. – Акнун мо як роҳбар дорем. Акнун зиндагии мо дар дасти Ӯ аст.

Онҳо дасти якдигарро гирифтанд. Чеҳраи Сомон медурахшид. Ҳа, ӯ дар душворӣ буд, вале Исои Масеҳ ӯро наҷот дод. На танҳо барои имрӯз, балки ба таври ҳамешагӣ.

## *2. Лӯхтаки дуздидашуда*

Бет духтари хурдии фермер Виен буд. Бо Бет дар ферма Ҷон, Биллӣ, Георг, Ҷеймс, Мария ва

Доротея бозӣ мекарданд. Ба ғайр аз ин ҳафт кӯдак падару модар Виен як ҷиян низ доштанд. Ӯро Ренӣ-хола меномиданд. Хола Ренӣ ёрдамчии чаққон буд ва ба ҳафт кӯдак аҳамияти зиёд медод. Лекин вай забони англисиро чун падару модарашон хуб намедонист. Онҳо танҳо панҷ сол пеш ба Канада кӯчида омада буданд. Падар Виен бори сеюм кӯшиш мекард, ки ватан ёбад. Ӯ бори якум дар Русия кӯшиш кард. Дар он ҷое ки дарёи Волга мегузашт, аз падараш осиёб ва 100 гектар замин ба мерос гирифта буд. Лекин баъд ҷанги якуми ҷаҳонӣ сар шуду немисҳоро аз мамлакат хориҷ ё ҳабс мекарданд. Ӯ бо масеҳиёни зиёд дар наздикии Дансиг зист. Лекин дар он ҷо ҳам макон пайдо накард. Онҳо аз Берлин ба Германияи ғарбӣ гузашта, сипас ба Канада кӯчида тавонистанд. То ҳол дар Берлин ҳикоят мекунанд, ки чӣ тавр масеҳиён аз Русия бо қатора омада, дар вокзал дуо карда, ба Худо шукр мегуфтанд.

Аз сабаби он ки масеҳиён чаққон ҳастанд ва имони худро на танҳо бо сухан, балки бо амал нишон медиҳанд, онҳо дар Канада, ИМА, Бразилия, Австралия ва дигар давлатҳо эҳтироми зиёд доранд.

Барои киштзор ҷангалро нест кардан лозим буд. Барои ин падар Виен қувваи зиёд сарф кард. Лекин ҳамсояҳо ба ҳамдигар ёрӣ мерасониданд. Онҳо дар ҷангал ҷӯйҳои калон

кофта, пас ҷангалро сӯзониданд. Акнун, баъд аз панҷ сол оилаи Виенҳо соҳиби хона шуданду чанд гектар заминро низ кишт мекарданд. Дар саҳро ҳашт гов доштанд. Ҳа, ҳатто як трактори кӯҳнаро арзон харида тавонистанд.

Дар давраи бачагии Ҷон, Биллӣ ва Георг трактор дар ҷои якум буд. Онҳо трактор ронданро дӯст медоштанд. Ҳатто Ҷони даҳсола гоҳ-гоҳ трактор меронд. Ӯ аз ин хеле фахр мекард.

Ҳама кӯдакҳо, новобаста ба синну солашон, бояд дар корҳои хоҷагӣ ба қадри имкон ёрӣ медоданд. Ҳар кас вазифаи худро дошт. Яке ҳезум мечинд, дигаре говҳоро бонӣ мекард ва Мария ду хурдтарак, Ҷеймс ва Бетро нигаҳбонӣ мекард. Кӯдакҳо қариб тамоман бозичаҳоро намешинохтанд; волидонашон хеле камбағал буданд. Писарон аз падарашон як қисми боғро пурсида гирифтанд. Ҳар он чи ки мехостанд дар он ҷо мекориданд: гул, сабзӣ, тути заминӣ (клубника). Духтарҳо яктогӣ харгӯш доштанд ва барои онҳо хӯрок мекофтанд. Аммо хурдтаракон бо чӣ бозӣ кунанд? Роҳи ҳалли ин мушкилиро Ренӣ-хола ёфт. Ӯ барои Ҷеймс сангҳои зебои рангорангро кофта ёфт. Ин кифоя буд. Ӯ бо ин сангҳо соатҳо бозӣ мекард. Бет аз лӯхтакаш хурсанд буд. Лӯхтаки вай “о-ча” гуфта наметавонист ва чашмҳояшро ҳам намепӯшид. Не, онро Ренӣ-хола сохта буд. Вай аз ҷӯробҳои кӯҳна иборат буда, дарунаш аз гандум пур карда шуда буд. Ренӣ хола онро бо гандум пур карда буд, бинобар ин он вазнин ва шикамаш сахт буд.

Лекин ин ба духтарча фарқ надошт. Бет ин лӯхтакро хеле дӯст медошт. Ӯ бо он хоб мерафт, бо он бозӣ мекард, ва ҳангоми хӯрокхӯрӣ низ он дар наздаш буд. Танҳо гоҳо барои лӯхтак ҷанҷол мешуд. Ҷеймс ва ҳатто Георги шашсола низ бо лӯхтак бозӣ кардан мехостанд. Ренӣ-хола бисёр кӯшиш мекард ба писарон фаҳмонад, ки бо лӯхтак танҳо духтарҳо бозӣ мекунанд.

Рӯзе як воқеаи даҳшатовар рӯй дод. Вақте падар Виен аз саҳро омад, Мария ба ӯ хабар дод, ки лӯхтаки Бет гум шудааст. Бетро ҳеҷ кас ором карда наметавонист. Аз лунҷакҳояш ашкҳои калон-калон ҷорӣ мешуданд.

– Лӯхтакчаи ман! Лӯхтакчаи ман! – гиря мекард ӯ.

– Бет онро дар рӯи алафҳо монд ва баъд он гум шуд, – фаҳмонд Мария. Дар чашмони ӯ низ ашк дида мешуд. Падар фармон дод:

– Тамоми оила лӯхтакро мекобад! – ӯ медонист, ки Бет бе лӯхтакаш хоб намеравад.

Ҳама ҳама ҷоро кофтанд, лекин бефоида буд, ҳеҷ кас лӯхтакро наёфт. Георг, ки ҷои русткардаи лӯхтакро медонист, хомӯш буд ва вонамуд мекард, ки лӯхтакро мекобад. Бегоҳӣ падар ҳамаи ҳафт нафарро қатор монд.

– Кӣ лӯхтакро гирифтааст? – бо ҷиддият пурсид ӯ. Баъзеҳо китф дарҳам кашиданд, дигарҳо бо аломати инкор сар ҷунбониданд, танҳо Георг ба замин нигоҳ мекард. Падар инро дид.

– Георг, ин ҷо биё! – Георг сурх шуд. – Лӯхтакро дар куҷо пинҳон кардӣ? – падар ба сӯи ӯ сахт нигоҳ кард.

– Вай дар дасти ман нест, – гиря кард Георг.

– Дар ҳақиқат нест? – боз як бор пурсид падар.

– Не, – гиря кард Георг. Модараш ба ӯ ёрдам дод:

– Мумкин саг ё гурба онро ба ягон ҷой бурда бошад, – гуфт ӯ.

– Ҳеҷ гап не, мо ҳоло мебинем, ки онро дар куҷо меёбем. Агар яке аз шумо ба ман дурӯғ гуфта бошад, ҷазояшро мебинад! – тарсонда гуфт падар ва бори охир ба сӯи Георг нигоҳ кард.

Лекин лӯхтак ёфт нашуд. Ренӣ-хола тез лӯхтаки нав дӯхта, онро бо гандум пур кард. Гиря бас шуд, аммо ин ҳамчун лӯхтаки пешина, Бербел, набуд.

Зимистони дароз бо барфҳои зиёдаш гузашт ва баҳор сар шуд. Қиссаи лӯхтак кайҳо боз аз хотирҳо фаромӯш шуда буд. Баъд аз 14 рӯз дар Канада ҳаво гарм шуд. Табиат бедор мешуд. Саҳро мешукуфт ва сабз мешуд. Дарахтон муғҷа мекарданд. Боғи писарон ҳам мешукуфт. Донаҳо ҳанӯз дар замин буданд ва боғбонҳои хурд боғбонӣ мекарданд.

Рӯзе дар боғчаи Георг чизи аҷоиб дида шуд. Як буттаи калони сабз пайдо шуд. Оё Георг алаф корида бошад?

– Не, сабзӣ! – гуфт ӯ. Бародарон механдиданд. Ин намуди алаф сабзӣ набуд.

– Кӣ медонад, ки ту тухми чиро коштӣ, – хандиданд онҳо.

Дар сари Георг хаёли бад омад. Мумкин он бошад? Не, он набояд бошад!

Баъд аз чанд рӯз ба Ҷон маълум шуд, ки ин

гандум аст.

– Гандум? Ту дони гандумро аз куҷо гирифтӣ? – пурсид модараш.

– Ман гандум накоридам. Шумо худатон ба ман донаи сабзӣ додед! – гуфт Георг.

– Ин дуруст аст. – Модараш дар ёд дошт.

Пас аз якчанд рӯз падар писарашро ҷеғ зад:

– Георг!

– Ҳа падар?

– Канӣ ба назди ман биё.

Георг ба он сӯе ки овози падараш баромада буд, рафт ва бо тарс дид, ки падараш дар назди боғчаи ӯ истода аст. Ӯ ба буттаи сабз менигарист, ки ҳама онро буттаи гандум гуфта буданд.

– Георг, нигоҳ кун, агар ту ба ин бутта нағз нигоҳ кунӣ, он ба чашмат мисли чӣ менамояд?

Георг бо китфони овезон истода, хомӯш буд.

– Ба назари ман ин бутта шакли кӯдакро дорад. Дар ин ҷо дастҳояшро мебинӣ. Ин сараш мебошад ва ин почаҳояш. Ин аҷоиб аст!

Ба ҷои ҷавоб Георг сахт гиря кард. Ӯ сарашро дар таги либоси падар пинҳон кард. Падараш ҳайрон шуд:

– Ба ту чӣ шуд? – ва акнун аз даҳони Георг суханҳо мисли дарёи тезҷараён мебаромаданд:

– Падар, падар, ман одами тамоман бад ҳастам, ман дузд ҳастам. Ман лӯхтакро дуздидам ва дар таги ин замин пинҳон кардам. Барои ҳамин онро наёфтем. Ва ман боз вонамуд кардам, ки гӯё онро мекобам. Ва акнун он дар ин ҷо мерӯяд, то ки он сир фош шавад! – Георг чунон гиря кард, ки гиря гулӯгираш карду

дигар гап зада натавонист.

Падараш ӯро аввал ба ҳуҷраи зист даровард. Ӯ каме истод, то ашкҳои писарак хушк шавад. Ӯ медонист, ки Георг аз таҳти дил гиря мекунад. Лекин кор бо ин тамом нашуд. Георг на танҳо ба падараш дурӯғ гуфта буд, балки ба дигар кас низ дурӯғ гуфта буд. Ва ҳозир сухан дар бораи Ӯ меравад. Георг акнун ба чашмони падараш каме нағзтар нигоҳ карда тавонист.

– Аслан ман аз ту хеле ноумед шудам, Георг. Аввал ба ман дурӯғ гуфтӣ ва акнун боз дузд ҳастӣ! – Овози падар хеле ҷиддӣ буд ва аз чашмони Георг аз нав ашк ҷорӣ шуд. – Лекин маро бисёртар он чиз азоб медиҳад, ки ту Исои Масеҳро ғамгин кардӣ!

Георг бо чашмони пур аз ашк сарашро ҷунбонд.

– Падар, агар шумо медонистед, ки ман чандин бор хобҳои бад дидам ва чӣ қадар тарсу ҳаросро аз сар гузаронидам, – гиря карда гуфт ӯ. Падар инро нағз тасаввур карда метавонист.

– Барои чӣ ба назди ман наомадӣ?

Боз ашк мисли дарё ҷорӣ шуд. Георг фаҳмид, ки бо ин рафтораш падарашро ғамгин кард.

– Ман, ман – ман ҷуръат карда натавонистам, – гуфт ӯ дар охир. Ӯ оҳиста аз поён ба рӯи ҷиддии падараш нигоҳ кард.

– Акнун бо ту чӣ кор кунам? – Падар чӣ кор карданашро намедонист.

– Маро бубахшед, падарҷон, маро бубахшед. Илтимос маро бубахшед! – Георг падарашро дар оғӯш гирифт.

– Ту аз корат пушаймон шудӣ?

– Ҳа, падар, лекин шумо бояд маро бубахшед!
– Падар медонист, ки Георг аз кори кардааш пушаймон шудааст, лекин аз даҳони худаш шуниданӣ буд.

Ӯ боз як бор Георгро ба назди худ кашид:

– Бин Георг, ман дигар аз ту хафа нестам. Агар аз хоҳарат бахшиш пурсӣ, ӯ ҳам туро мебахшад; лекин ту бояд аз ин ёд гирӣ, ҳар он кори баде ки ту мекунӣ, як рӯз не як рӯз ба дигарон ошкор мешавад. Худо ҳама чизро мебинад ва чизе ки дар ин дунё фош нашуд, дар осмон фош мешавад. Лекин дар он ҷо аллакай дер мешавад. Агар боз ягон кори бад кунӣ, дарҳол ба назди ман биё, то ки онро ҳал кунем. Ҳар қадар ки дертар гӯӣ, ҳамон қадар бадтар мешавад.

– Ҳоло ҳамааш хуб аст?

– Лекин ту бояд ҷазо гирӣ. Имсол ту дар боғ дигар чизе намекорӣ.

Ба вай ин сахт расид, лекин ӯ бо овози озодона гуфт:

– Аз ҳама муҳим он аст, ки шумо маро бахшидед.

– Ҳа, Георг, – гуфт падар ва дасташро гирифт.

Ӯ бо вай ба ҳуҷраи кориаш рафт. Георг акнун фаҳмид, ки кори нағз накардааст. Дар ҳуҷра ӯ бо падар ба зону истода, аз Исои Масеҳ бахшиш пурсид. Падараш ҳам дуо кард ва вақте ки аз ҷояшон хестанд, Георг донист, ки ин ҳам нағз шуд.

Бо чеҳраи шод ӯ бо падараш ҳуҷраро тарк кард. Аввал онҳо ба сӯи боғ рафтанд. Падараш буттаро бо дасти пурқувваташ канда гирифт. Георг онро ба партовгоҳ бурд.

Бегоҳӣ падарашон ин ҳодисаро ба ҳама нақл кард ва дигарон низ ба монанди Георг шод шуданд, ки ин масъала акнун ҳал шуд.

Георг чизи муҳимро барои зиндагияш омӯхт: Худо ҳама корро фош мекунад. Агар дар ин дунё фош нашавад, он дертар дар осмон фош мешавад.

Хушо он касе ки аллакай аз гуноҳҳояш пушаймон шуда, пеши Исои Масеҳ иқрор кардааст. Вай медонад, ки Худо аллакай гуноҳҳояшро бахшидааст.

## *3. Чӣ тавр хоҳари Марям роҳ гаштанро омӯхт*

Оё Худованд ҳоло ҳам мӯъҷиза ба амал оварда метавонад? Пас, шумо бояд ҳикояи хоҳарчаи Марямро донед.

Марям духтарчае ба мисли шумост. Ӯ шӯху хандонрӯ мебошад ва боадабона ба корҳои модараш кӯмак мерасонад. Ӯ аллакай сездаҳсола аст. Онҳо дар наздикии сарҳад зиндагӣ мекунанд. Ӯ ҳар рӯз аскаронро мебинад, ки дар сарҳад мегарданд.

Марям дар оила кӯдаки ягона нест, ӯ боз якчанд хоҳарча дорад. Ӯ хоҳари хурдиашонро сахт дӯст медорад. Лекин на барои он ки ӯ хурдтарин аст, балки барои он ки ӯ бемор аст. Хоҳараш аллакай панҷсола шуда буд, лекин то ҳол роҳ гашта наметавонист. Вақте ки кӯдакҳо хурсандона дар ҳавлӣ давутоз мекарданд, ӯ дар ҷояш оромона мешишт ва нигоҳ мекард. Ӯ борҳо кӯшиш кард, ки бо

ёрии волидон ва апаҳояш роҳ гардад ё ақаллан рост истад, лекин нашуд. Ӯ доим меафтид. Ӯ аз хурдиаш одат кард, ки ҳеҷ вақт роҳ гашта наметавонад. Оё духтурҳо ба ӯ кӯмак расонида наметавонистанд? Не, онҳо наметавонистанд, чунки хоҳарчааш дарди бедавое дошт. Танҳо бо кӯмаки дигарон ӯ рӯз мегузаронд. Оё ин ҳолат тағйир меёфта бошад?

Рӯзе аз назди хонаи ҳамсоя мошини боркаш гузашт. Дар бордони мошин чӣ бошад? Бисёриҳо аз эълоне ки дар бари мошин овезон буд, фаҳмиданд. Як хаймаи калон. Оҳ, чӣ хел нағз! Хайма – мумкин хаймаи сирк бошад! Оё дар он филу шерҳоро низ дида мешуда бошад? Аммо ҳайвонҳову ҳунармардон дар куҷо бошанд? Ду тамошобини хурд гуфтанд:

– Темур, – гуфт Қобил, як писарчаи шӯх, – ин хаймаи сирк нест. Агар ту маймунҳоро диданӣ бошӣ, дар ин ҷо дер интизор мешавӣ.

– Набошад, ин чист? – кунҷковона пурсид Темур.

– Ман мехоҳам донам, ки ту барои чӣ ду чашм дорӣ. Канӣ хон, дар он варақе ки ҳозир мардҳо баровsecurityарданд, чӣ навишта шудааст.

Темур ҳиҷо-ҳиҷо карда хонд:

– Миссия бо хайма. Миссия бо хайма, ин чист? Дар ин ҷо ба киҳо миссионерӣ мекунанд? Мо беимон нестем-ку!

– Ба ту, – хандида гуфт Диловар, – то ки азоб додани муаллимони мактаби якшанбегиро бас кунӣ, – давом дод ӯ ва ба тарафи Қобил чашмакӣ зад. Лекин сухани онҳо қатъ гардид, чунки онҳо ба рост кардани хайма кӯмак расониданд. Кӣ дар ин хел кор ёрӣ додан намехоҳад? Онҳо зуд

бандҳоро бардошта, бо болға ба замин кӯфтанд. Акнун онҳо корро тамом карданд. Онҳо қариб ҳар рӯз ба назди хайма меомаданд. Ба онҳо нисфирӯзиҳое маъқул буданд, ки дар он вақт барои кӯдакон дарсҳо гузаронида мешуд. Кӯдакони зиёд меомаданд, шодона суруд мехонданд ва аз нақлҳои Китоби Муқаддас баҳравар мешуданд.

Ҳамроҳи дигар кӯдакон Марям низ бо дугонааш аз деҳоти ҳамсоя меомад. Ӯ бо диққат бо кӯдакон гӯш мекард. Ӯ ҳам аз ҷону дил суруд мехонд. Лекин баъд аз чанд рӯз ӯ дигар наомад, на барои сурудхонӣ, на барои гӯш кардани ҳикояҳо, чунки дар дилаш ҳодисаи аҷоиб шуд. Гарчанде ки ӯ хурд буд, фаҳмид, ки кору рафтори ӯ ба Исои Масеҳ маъқул нест. Марям фаҳмид, ки он гуноҳе ки дар борааш муаллим гуфт, дар дили ӯ низ ҳаст. Ӯ доим дар худ гуноҳҳои калону хурд меёфт ва аз ин хеле ғамгин мешуд.

Лекин муаллим низ гуфта буд, ки агар мо аз гуноҳҳоямон пушаймон бошем, чӣ кор кардан лозим аст. Ҳамин тавр, рӯзе Марям ба дари хайма омада, ҳама чизро ба муаллим гуфт. Баъд онҳо дукаса аз Исо бахшиш пурсиданд ва Марям ба Исои Масеҳ ваъда дод, ки аз имрӯз доим дар Исои Масеҳ мемонад.

Дар рӯзҳои минбаъда низ ин барои ӯ шодии калон буд: донистам, ки Исои Масеҳ акнун Худованди ман аст! Ӯ ба Китоби Муқаддас аҳамияти ҷиддӣ дод. Ҷойҳоеро ки пештар барояш шавқовар набуданд, акнун бо майли том мехонд. Дуо кардан ҳам барои ӯ хурсандӣ буд. Ӯ дигар дуоҳои аз ёд кардаашро намехонд,

ӯ бо Падари Осмонии худ муносибати шахсӣ дошт. Марям медонист, ки Исои Масеҳ дӯсти беҳтарини ӯст ва ӯро мешунавад. Марям ба ӯ ҳамаи дардҳояшро мегуфт ва ҳам барои хоҳарчааш дуо мекард. Ин дуо доим ба лабонаш меомад. Ӯ аз Худо илтимос мекард, ки мӯъҷиза нишон диҳад, то ки хоҳарчааш роҳ гашта тавонад. Ӯ акнун бисёр хурсанд буд ва мехост, ки хоҳарчааш низ хурсанд бошад.

Як рӯз ҳама кӯдаконе ки дилашонро ба Исои Масеҳ супурда буданд, ҷамъ шуда, Китоби Муқаддас мехонданд. Дар аввал аз онҳо пурсиданд, ки:

– Шумо имрӯз чӣ ҳодисаро бо Исои Масеҳ дидед?

Рӯи писарон ва духтарон баъд аз ин савол дурахшид. Ҳама нақл карданд, ки чӣ тавр Исои Масеҳ ба дуоҳои онҳо ҷавоб дод.

Яке гуфт, ки барои як мисоли душвори математикӣ дуо кард. Дар ин вақт барои ҳал кардани мисол як формула ба ёдаш омад ва онро ҳал карда тавонист.

Хайрият, ки навбат ба Марям низ расид. Ҳама гӯш мекарданд. Ҳама ором буданд. Ӯ ҳикоя кард:

– Исои Масеҳ дуои маро низ гӯш кард. Хоҳарчаи ман, ки аз панҷсолагӣ то ҳол роҳ гашта наметавонист, ҳоло роҳ мегардад. На танҳо волидонам, балки аҳли деҳаамон низ аз ин ба ҳайрат афтидаанд.

Бисёр кӯдаконе ки инро шуниданд, хоҳарчаи ӯро мешинохтанд ва медонистанд, ки ӯ бемор буд. Дар хона онҳо бисёр вақт дар ин бора гап

мезаданд. Онҳо ҳам акнун бовар карданд, ки Исои Масеҳ дуои Марямро шунидааст. Марям сахт боварӣ дорад, ки ин кори Худост, чунки ӯ бо дили боваринок дуо кардааст. Ӯ пеш ҳам барои ин дуо мекард, лекин акнун Исои Масеҳ ӯро шунид.

Ҳа, Худованд мӯъҷиза ба амал оварда метавонад, агар мо бо диле ки ба ӯ тӯҳфа додем, дуо кунем.

Аз байн як сол гузашт ва хоҳарчааш хурсандона дар боғ сайру гашт мекард.

## *4. Занги телефон ба зери об*

Телефон кардан ба ман маъқул аст. Ман телефон карданро доим дӯст медоштам. Дар ҳар ҷое ки ман телефонро бинам, агар рақамҳоро пахш карда тавонам, шод мешудам. Ман инро ҳоло аниқ медонам. Рақами телефони падару модарам дар хотирам хуб мондааст. Гоҳе бо бибиям ва бисёр вақт бо ҳамсинфонам бо телефон гап мезадам.

Лекин як рӯз ба ғӯтазан, ки дар зери об кор мекард, телефон кардам. Ин лаҳзаи фаромӯшнашаванда буд. Ман мехоҳам дар ин бора ҳикоя кунам.

Ин ҳодиса дар соли 1945 рӯй дод. Дар ин вақт гурӯҳҳои аскарони олмонӣ ба ақиб мерафтанд ва бисёр кӯпрукҳои зебоpo вайрон карда буданд. Онҳо мехостанд ба воситаи ин душманро боздоранд, то ки ба пеш наоянд. Дар ватани ман, дар кӯли Тюрингер ҳам кӯпруки калонеро вайрон карданд. Акнун он 50 метр дар даруни об буд ва гоҳ-гоҳ оҳани қаткардашуда аз

об намудор мешуд. Дар аввал мо чӣ қадар зиқ будем, аммо ба зудӣ фаҳмидем, ки ҷои бозии нав пайдо шуд. Дар ин тӯда-тӯдаҳо бисёр чизҳоро дидан мумкин буд. Як рӯз мо дар наздикии кӯпруки вайрон амади аҷоиберо дидем.

Пас аз якчанд рӯз овозае шуд, ки ин стансияи ғӯтазанҳо буд. Дар як рӯз ду маротиба ғӯтазанро ба он ҷо мефароварданд, то ки оҳанҳои кӯпрукро ҷудо кунаду онро бардоштан мумкин шавад. Албатта, ин барои мо шавқовар буд.

Лекин ба стансияи ғӯтазанӣ расидан осон набуд. Он 300 метр аз соҳил дур буд. Мо киштӣ надоштем. Пас, бояд шино кекардем. Мо шино карданро дӯст медоштем. Мо ҳама хуб шино карда метавонистем. Вақте ки офтоб обро каме гарм кард, мо ба об ҷастем. Шино кардан ба мо маъқул буд. Гоҳе ба таги об мерафтем. Нури офтоб дар болои об ҷило медод.

Мо доим ба стансия наздик мешудем, аввал 50 метр, баъдтар 20, 10 ва дар охир танҳо 5 метр. Мо бо даст онро қапидем, ва ба рӯи он баромадем. Коргарон аз дидани мо он қадар шод нашуданд. Лекин мо доим ба он ҷо мерафтем, то онҳо ба саволҳои мо ҷавоб гардонанд. Онҳо ба мо тарзи кор бо либоси ғӯтазаниро фаҳмониданд. Сарпӯшаш қариб 13 кг вазн дошт. Мӯзаҳо 16 кг вазн доштанд. Дар қафаси сина ва миён вазнҳои 31 кг овезон буданд. Бо шланги нафаскашӣ, бо сими телефон ва банди ишора ғӯтазан бо мардҳои дар болобуда алоқа дошт.

Ногаҳон мо телефонро дидем. Ба мо гуфтанд, ки бо он ба ғӯтазан телефон мекунанд. Вай ҳамон вақт дар таги об кор мекард.

Чӣ қадар хурсандии калон буд, вақте коргарон

ба мо иҷозат доданд, ки бо ӯ гап занем.

– Алло, моро мешунавед? – пурсидем мо. – Шумо ҳозир дар он ҷо чӣ кор карда истодаед? Чӣ? Шумо ба боло баромада истодаед? Пас шумо ба зудӣ дар назди мо ҳозир мешавед?

– Не, ҳоло се соат вақт лозим аст.

– Барои чӣ шумо ҳозир тез омада наметавонед? Инро ман намефаҳмам. – Бо рӯи саволомез ман телефонро ба як тараф мондам.

Ғӯтазан ба ман гуфт, ки ӯ ҳозир тез омада наметавонад.

– Барои чӣ ин нишонаҳои ғӯтазанӣ лозиманд? – аз коргарон фаҳмидан мехостам ман.

– То ки хун ба фишори пасти об одат карда тавонад.

Ман боз як бор телефонро гирифта аз ғӯтазан пурсидам:

– Ба шумо чӣ қадар вақт боз лозим аст?

– Тақрибан ду соат.

– Ин қадар дер? – ҳайрон шудам ман. – Ва барои фаромадан чӣ қадар вақт ба шумо даркор аст?

– Ман 60 метрро тақрибан дар панҷ дақиқа тай мекунам.

– Аҷоиб, инро ман намефаҳмам.

– Ҳа писарам, ин ҳамин тавр аст. Мо бояд вақти муқарраршударо аниқ риоя кунем вагарна бемор шуда ба боло мебароем.

Яке аз коргарон телефонро аз дастам гирифта, гуфт:

– Ба 15 метр бароед.

Мо нигоҳ кардем, ки чӣ тавр мардон бандро ба боло кашиданд. Пуфакчаҳои ҳавоӣ

пайдо шуданд, лекин мо ҳоло ҳеҷ чиз дида наметавонистем.

Дар бораи ҳамаи ин чизҳо ман баъдтар фикр кардам. Ғӯтазан чӣ гуфта буд? Поён тез фаромадан мешавад, лекин ба боло оҳиста. Лекин оё танҳо дар ғӯтазанӣ чунин ҳодиса мушоҳида мешавад? Мо ҳама он “серкор”-ро мешиносем, ки дӯст медорад моро ба чуқурӣ кашад. Вай ҳамеша кӯшиш мекунад моро ба поён кашад, ва вақте ки мо чизи вазнин дар бар дорем, иҷрои ин амал ба ӯ осонтар мегардад. Мо медонем, ки ӯ кист: душмани бадтарини мо, шайтон! Чӣ қадар ки мо поёнтар равем, ҳамон қадар бароямон хатарноктар мешавад. Агар ӯ тавонад чунин кунад, ки мо 10 сент аз волидонамон дуздем, дафъаи дигар ӯ ба мо ёрӣ медиҳад, то 1 доллар бидуздем. Ба ҳамин тариқ мо бештар ба чуқурӣ ғарқ мешавем. Аксар вақт мо аз чунин ҳолат сурх намешавем, не. Ҳолати шармдоштан ба мо бештар дар синни хурдиямон хос буд. Ҳозир мо чунон карда метавонем, ки волидонамон ба дурӯғи мо бовар мекунанд. Вақте ки шайтон моро ба поён мекашад, ӯ аз ин шод мешавад. Ғӯтазан, ки чуқур шино мекунад, аз моҳиёни калон дар хатар аст. Ин моҳиҳо ғӯтазанҳоро хӯроки наҳорӣ мекунанд, ва чандин одамон аллакай ҷонашонро дар ин роҳ аз даст додаанд. Як навъи ҷонварҳои обӣ – рӯдапойҳо аз ҳама хатарноктаранд. Рӯдапой бо чандин дасташ мисли шайтон одамро медорад, ва ӯро пачақ карда мехӯрад. Агар ғӯтазан бо берун алоқа надошта бошад ва ба ӯ тез ягон ёрӣ нарасад, ӯ нобуд мешавад.

Ба мисли ин, пеш аз хатар ҳама чизро

дар вақташ ҳал кардан лозим аст. Ман як ғӯтазанро мешиносам, ки пеш аз хатар чора наандешид. Ӯро нағз огоҳ карда буданд. Лекин ӯ гӯш накард ва ба қоидаҳо аҳамият надода, тез ба боло баромад. Вақте ки аз либосҳои ғӯтазанӣ баромад – маъюб шуда буд. Лекин аллакай дер шуда буд. Ҳеҷ табобат ёрӣ дода наметавонист. Аз он рӯз ӯ бо асо мегардад ва пойҳои маъюбашро базӯр ҳаракат медиҳад. Ин аз боиси беаҳамиятии ӯ буд. Баъд аз ин вай хеле пушаймон шуд, ки қоидаро риоя накард.

Ман кӯдаконеро мешиносам, ки ғамгин ҳастанд, чунки Худо дуоҳои онҳоро дар рӯзи якум иҷро намекунад. Дорис орзу мекард, ки волидонашро сахт дӯст дорад. Лекин баъд фаҳмид, ки дар вақти хӯрок ноз мекунад, бо бародараш ҷанҷол мекунад ва ба нидоҳои модараш гӯш намедиҳад. Бегоҳӣ ин ӯро хеле зиқ кард. Мо аз ғӯтазанон чизе ёд гирифта метавонем: итоаткорона дар зинаи худамон истем, то Худо фармон диҳад, ки ба зинаи дигар гузарем.

Исои Масеҳ моро ба шогирдӣ даъват мекунад. Қадам ба қадам мо бояд ӯро пайравӣ кунем. Дар ҳар як қадам ӯ ба мо нишон медиҳад, ки мо бояд чӣ кор кунем.

Шояд мо бояд омӯзем, ки вазифаи хонагиро баъд аз дарс зуд тайёр кунем. Агар мо инро ёд гирем, ба зинаи дигари итоаткорӣ мебароем. Падари Осмонӣ ба мо ёрӣ мерасонад.

Мо, одамон, воситаи алоқа бо Худо дорем. Ин дуои мост. Агар Худо ба мо қадами дигари итоатро нишон диҳад, мо бояд онро дар вақташ иҷро кунем.

Мақсади масеҳӣ бояд мисли Исои Масеҳ шудан бошад. Албатта, мо дар як-ду рӯз масеҳии итоаткор шуда наметавонем. Мо бояд ёд гирем, ки қадам ба қадам ӯро итоаткорона пайравӣ кунем.

Дар стансияи ғӯтазанӣ мо ҳам дер бояд интизор мешудем, то гӯтазан аз об барояд. Ғӯтазан зинаро бо дасташ дошта, худро ба боло кашид. Ҳамкоронаш ӯро тез аз вазнҳо, болтҳо ва симҳо озод карданд. Дар муддати кӯтоҳ ӯ аз ҳамрааш халос шуда, сиҳат ба хонааш баргашт. Ман орзу дорам, ки дар зиндагиям, то ба назди Исои Масеҳ омаданам, ба ӯ итоат кунам. Дар он ҷо борҳои охирини мо гирифта мешаванд. Мо дар наздикии Исои Масеҳ шод мешавем ва иди калон мекунем.

## *5. Кӣ дар беморхона буданро дӯст медорад?*

– Он чи шумо карда метавонед, ман кайҳо боз карда метавонам!

– Чаро ин қадар муболиға мекунӣ, ин чиз барои духтарчаҳои хурд нест.

– Ба шумо ҳоло нишон медиҳам! – бо ғазаб фарёд кард Тахмина ва ба дучархаи худ нишаста, ҳай кард.

– Чаро ман духтарчаи хурдакак будаам. Ман инро бозикунон ҳай мекунам!

– Ин тавр накун! – дод зад аз пушти ӯ Раҳим. Лекин Тахмина аллакай фикрашро амалӣ гардонд.

*“Ҳозир ман қасдан ин корро мекунам!”* – фикр кард ӯ.

Шаш ҷуфт чашм Тахминаро бо диққат нигоҳ мекарданд, ӯ дар роҳ ба сӯи боло мерафт.

Вақте ки ба боло расид, дучархаро тоб дода, якчанд дақиқа истод. Акнун ӯ худро аҷоиб ҳис мекард. Оё дар ҳақиқат ин фикрашро амалӣ кунад? Оё андаке муболиға накардааст? То ҳол ягон нафар аз писарон чунин накардааст. Лекин ин дар ҳақиқат хатарнок аст: аввал роҳ ба сӯи поён, баъд тез ба тарафи чап, ба болои кӯпрук – он аз ду тараф маҳдуд нест! – ва баъд аз болои рӯи чӯбҳое ки писарон тайёр кардаанд...

Тахмина бо худ мубориза мебурд. Агар волидонаш ҳоло ин ҷо мебуданд, ба ӯ роҳ намедоданд, ки чунин нияти хатарнокашро амалӣ гардонад. Раҳим низ ӯро аз ин огоҳ кард. Лекин вақте ки ӯ дар поён ҳамаро – Ҳабиб, Эраҷ, Фарҳод, Раҳим ва Комилро интизор дид, ҳисси ҳавобаландии ӯ ғолиб омад...

– Рафтем! – худ ба худ гуфт Тахмина ва ба дучарха савор шуд... Суръати дучархааш ҳар чӣ бештар меафзуд. Ӯ сарашро хам карда, ба тарафи чап тоб хӯрд... акнун болои кӯпрукча...

– Ӯ тавонист! Ӯ тавонист! Акнун аз болои чӯбҳо...

– Офарин! – ҳама баробар дод заданд. Тахмина сарбаландона ба матлабаш расид. Аз хурсандӣ Тахмина пойҳояшро аз педал гирифт ва баробарвазниро гум кард. Баъд тез пойҳояшро ба педал монданӣ шуд ва онҳоро наёфта, афтид.

– Ҳа, ҳа, ҳа! Афтидан баъд аз ҳавобаландӣ! – фарёд зад Фарҳод ва ҳама бо ӯ хандиданд.

Тахмина рӯяшро турш кард. Аз фахр ягон зарра ҳам боқӣ намонд. Ӯ кӯшиш кард хезад.

– Вой! Не, намешавад, – бо рӯи дардманд ӯ худро боз ба замин партофт.

– Тахмина, ба ту чӣ шуд? Ту зӯр будӣ! – фарёд кард Комил, додари хурдии ӯ.

– Биё, хез, – гуфт Раҳим ва дасташро дароз кард.

– Намешавад, пои ман дард мекунад! Ман онро ҷунбондан наметавонам. Вой!

– Оё он шикастааст?

– Мо туро акнун чӣ хел ба хона мебарем?

– Мо туро мебардорем. Агар ҳама ёрӣ расонем, мешавад, – андешид Фарҳод ва пои ӯро бардоштанӣ шуд.

– Вой! Не, намешавад! Маро монед.

– Ман очаамро ҷеғ мезанам! – фикр кард Комил ва рафт, то модарашро ба ёрӣ ҷеғ занад.

Вақте ки очаи Комил омад, ҳамаашон дар гирди Тахмина ҷамъ шуда буданд. Онҳо дар ин нохушӣ худашонро низ ҷавобгар ҳис мекарданд.

– Хайр Тахмина, Комил ба ман аллакай ҳикоя кард. Ҷазо акнун ба ту лозим нест. Дард туро барои корат ҷазо медиҳад.

– Ҳа оча, хеле дард мекунад. Ман дар ҳақиқат дигар ин корро намекунам. Лекин акнун чӣ кор кунем? Ман дигар истодан наметавонам.

– Раҳим, ту ба тарафи телефон рав ва ба духтур занг зан, то ки мошини ёрии таъҷилӣ ояд.

– Инро чӣ хел кунам? – пурсид Раҳим. Ӯ ёрӣ додан мехост, лекин бо ин хел чизҳо таҷриба надошт.

– Ту рақами духтурро пахш мекунӣ: 03, баъд онҳо ба ту мошини ёрии таъҷилиро равон мекунанд. Ном ва суроғаи моро гӯй. Ва боз гӯй, ки хоҳарат пояшро шикастааст ва бояд ба

беморхона фиристода шавад.

Раҳим нобоварона шитофт, то занг занад.

– Ва ту Қаландар, – гуфт модар, – илтимос, дучархаи Тахминаро ба мошинхонаи (гараж) мо бар.

– Майлаш, – гуфт ӯ ва рафт.

– Дигарон, илтимос, дар ин ҷо истед ва ба Тахмина нигоҳ кунед. Ман меравам, то баъзе чизҳои Тахминаро аз хона биёрам. Ба фикрам, ӯ як чанд рӯз дар беморхона мемонад.

Пас аз даҳ дақиқа мошини беморхона омада расид. Ду мард бо либоси сафед Тахминаро оҳиста гирифта, ба мошин бор карданд.

– Ин ҷо ба мисли духтурхона аст, – даруни мошини ёрии таъҷилиро дида, ҳайрон шуд Тахмина.

– Ҳа, – ҷавоб дод мард, – ту бояд донӣ, ки гоҳо ба бемор ёрии аввалин расонидан хеле зарур аст.

– Дар роҳ ба сӯи беморхона низ?

– Агар ҳар дақиқа ғанимат бошад, ҳа.

– Оча, ту ҳам меоӣ? – бо тарс пурсид Тахмина. Ӯ дигар худро далеру калон ҳис намекард.

– Албатта, духтари калони ман, – хандид модараш ва ба Раҳиму Комил охирин вазифаҳо барои хона дод. Баъд ӯ низ савор шуд.

– Оё мо бо чароғи кабуд ва сигналдиҳӣ намеравем? – ҳайрон шуда пурсид Тахмина.

– Не, – хандида гуфт ҳамшираи шафқат, – дарди ту он қадар хатарнок нест. Ту ба Худо ташаккур гуфта метавонӣ.

– Ҳа, албатта, – шарм дошта фикр кард Тахмина, – дар бораи ин ман тамоман фикр

накардам. Аз ин бадтар шуданаш мумкин буд.

– Исои Масеҳ дар ҳақиқат туро нигоҳ дошт, – гуфт модараш. – Мо аз дилу ҷон шукр гуфта метавонем, ки бадтар нашуд.

– Ҳа, дар ҳақиқат, агар мисли ман ҳар рӯз ҳама бемориҳоро бинед, ба Худо шукр гуфтанро бас намекунед. Ин чизи оддӣ нест!

Пас аз чанде мошин ба беморхона расид ва дар назди беморхонаи кӯдакона истод. Дари қафои мошин кушода шуд. Тахминаро якҷоя бо ҷогаҳи чархдораш аз мошин баровdefinitely ва
ба назди дари даромад тела дода, пеш бурданд.

Он ҷо дар рӯи шиша бо ҳарфҳои калон "ҚАБУЛГОҲ" навишта шуда буд.

– Мо аввал бояд ба он ҷо равем, – гуфт модараш ва ба тарафи ҳамшираи тиббӣ рафт, ки дар назди мизи калон нишаста буд.

– Оё номи духтараки беморро, ки дар назди мо мехоҳад зиндагӣ кунад, фаҳмидан мумкин аст? – табассум карда пурсид ҳамшираи тиббӣ.

– Ман он қадар хоҳиши дар ин ҷо мондан надорам, – шунида шуд овози Тахмина. – Ман бояд...

– Ҳеҷ гап не, духтарак. Лекин ман фикр мекунам, ки ту худро баъди як чанд рӯз дар ин ҷо нағз ҳис мекунӣ. Мо ба ту ёрдам мекунем. Номат чист?

– Тахмина Баҳодурова.

– Кай ва дар куҷо таваллуд шудӣ? Ва номи волидонат чист? Дар куҷо зиндагӣ мекунед? Ягон бор дар беморхона будӣ? Бо поят чӣ шуд?

– Ман ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб дода наметавонам. Чунки ҳамаашро намедонам. Модарам бояд ёрдам диҳад.

Баъд аз он ки ба саволҳо ҷавоб доданд, ҳамшираи тиббӣ онҳоро ба як ҳуҷра овард.

– Дар ин ҷо туро духтур Ҳомидов муоина мекунад, – ба онҳо фаҳмонд ҳамшираи тиббӣ ва баъд онҳоро танҳо гузошт.

Тахмина гирду атрофро нигоҳ кард. Ҷевон, лавозимоти духтурӣ, тарозу, як мизи калон, як кати хоб. Ҳамааш хунук ва бегона метофт.

– Салом, – ба онҳо гуфт духтур Ҳомидов, – хайр, ин ҳодиса чӣ тавр шуд?

Ва боз як бори дигар Тахмина бояд ин воқеаро нақл кунад.

– Ҳа, ҳа, – гуфт духтур, – мо ҳама боре ҷавон будем ва аз хатоҳои худ омӯхтем. Ту ин ҳодисаро тез фаромӯш намекунӣ. Набошад, ҳозир мебинем, ки чӣ кор карда метавонем.

Духтур бо эҳтиёт пои дардманди ӯро ламс кард. Тахмина даҳонашро сахт маҳкам кард. Ашк дар чашмонаш ҳалқа зад, лекин ӯ ҳеҷ чиз нагуфт.

– Ман медонам, – гуфт духтур Ҳомидов, – ин дард мекунад, вақте ки ман туро тафтиш мекунам, лекин ман бояд аниқ донам, ки поят дар куҷо шикастааст. Ту духтари пуртоқат будаӣ.

Духтур стетоскопро гирифта, нафаскаширо бо он тафтиш кард.

– Ба фикрам, дигар ҳамааш хуб аст. Лекин барои он ки аниқ бошад, мо туро рентген мекунем.

– Ин чӣ аст? – донистан мехост Тахмина. –

Ин дард мекунад?

– Не, – ором кард ӯро духтур, – ин мисли суратгираки калон аст, ки даруни туро сурат гирифта метавонад. Бо ин аниқ дида мешавад, ки устухон дар куҷо шикастааст, ё агар ягон чиз соз набошад, маълум мегардад.

Духтур чизеро дар рӯи коғаз навишт ва баъд занг зад:

– Илтимос, Тахмина Баҳодуроваро ба ҳуҷраи рентген баред ва баъд ба хонаи рақами 325. Ман ба ҳамшира Гулистон хабар медиҳам. Ба ҳамшира Эркамоҳ дар ҳуҷраи рентген гӯед, ки ман суратҳоро дидан мехоҳам. Раҳмат.

Духтур телефонро монда, ба Тахмина гуфт:

– Мо дар ин рӯзҳо боз бо ҳам вомехӯрем, Тахмина. Шумо, хола, то ба ҳуҷра рафта метавонед. Дар дигар рӯзҳо шумо духтаратонро ҳар рӯз дида метавонед. Хуш омадед.

– Духтур чӣ қадар сахтгир буд, – пичирос зад Тахмина, ҳангоме ӯро ба берун бароварданд.

– Не, ӯ танҳо ин хел менамояд, – ӯро ором кард як марди ҷавон, – ӯ асосан хеле меҳрубон аст. Ӯ хеле серкор аст. Лекин ӯ корашро хуб карда метавонад. Ман Сулаймон ҳастам, то ки ту донӣ.

Онҳо ба назди дари калон расиданд. Мард тақ-тақ карда, дарро кушод. Тахмина мехост чашмонашро ба рӯшноии паст одат кунонад. Ин ҷо аҷоиб буд. Ӯ ба гирду атроф оҳиста нигоҳ кард. Оё модараш ҳоло дар ин ҷо аст? Модараш ӯро бо дасташ меҳрубонона расид.

– Ту бояд натарсӣ. Ин асбоби рентгенӣ аст. Дар ин ҷо онҳо устухонатро сурат мегиранд.

Ҳамшира Эркамоҳ ва Сулаймон ӯро боэҳтиёт

ба ҷогаҳи таги асбоби рентгенӣ гузоштанд. Тахмина бо ашкҳояш ҷанг мекард. Барои чӣ ин бояд ин қадар дард кунад!

– Холаҷон, – гуфт ҳамшира, – шумо моро бояд якчанд вақт танҳо монед, чунки дар вақти суратгирӣ бояд ҳеҷ кас дар ҳуҷра набошад. Ба мавҷҳои рентгенӣ зиёда аз вақти даркорӣ наздик шудан даркор нест.

– Ва шумо? Ба шумо зарар намерасонад? Шумо ҳар рӯз ин ҷо кор мекунед.

– Албатта, барои ҳамин ман пешбанди сурбӣ мепӯшам ва низ баъди тугмаро зер кардан ба ақиби ин девор меравам.

Тина чуқур нафас кашид. Баъд аз он ки сурат гирифта шуд, Тахмина гуфт:

– Тамоман дард накард-ку!

– Чӣ хел буд? – пурсид модар, баъд аз он ки Тахминаро аз ҳуҷра баровардананд.

– Ман дар вақти суратгирӣ хандидам, – шодона гуфт Тахмина. Модар хандид:

–Ба фикрам, дар сурат ин дида намешавад. Дар он танҳо даруни ту дида мешавад.

– Онҳо дили маро дида метавонанд? – тарсида пурсид Тахмина.

– Албатта, – ҷавоб дод модар, – лекин сафед ё сиёҳ будани онро дида наметавонанд. Аммо инро Исои Масеҳ дида метавонад. Чашмони Ӯ аз нурҳои рентген дида бештар мебинанд.

Тахмина хомӯш шуд. Ӯ фикр кард. Дили ӯ чӣ намуд дошта бошад? Аз Китоби Муқаддас ӯ медонад, ки дил аз гуноҳ сиёҳ аст. Танҳо Исои Масеҳ онро шуста метавонад, агар мо ҳамаи корҳои нодурусти худро, ки кардаем ё дар

бораи онҳо фикр кардаем, ба ӯ гӯем ва тавба кунем.

– Хайр, ҳеҷ гап не, модар, – гуфт ӯ оҳиста, – Исои Масеҳ маро мебахшад ва диламро тоза мекунад. Оё ҳамин беитоатиеро, ки ман имрӯз кардам, мебахшад? Шумо ҳам маро мебахшед?

– Ҳа, духтарам, ман туро аллакай бахшидам. Ту метавонӣ аз Исои Масеҳ дар дуо бахшиш пурсӣ. Ӯ ваъда дод, ки агар мо аз Ӯ бахшиш пурсем, моро мебахшад.

Сулаймон аз ҳуҷраи рентгенӣ баромад.

– Суратҳо нағз шуданд, ва духтур ба ман гуфт, ки онҳоро ба ҳуҷраи табобатӣ барам, то ки туро гипс кунанд.

– Пурра? – тарсида пурсид Тахмина.

– Не, танҳо пои шикастаатро.

– Инро асосан барои чӣ мекунанд?

– Медонӣ, барои он ки устухон нағз пайваст шавад, он бояд хеле ором истад. Ҳар як ҷунбиш ба табобат халал мерасонад. Илова бар ин, ҳар ҷунбиш ба ту дард меоварад, – фаҳмонд ӯ.

Дар ин ҷо асбобҳо, ҷевонҳои пур аз дору ва дигар чизҳои табобатӣ зиёд буданд!

Тахмина бо диққат ба духтуре ки ба пои ӯ гипс пӯшонд, нигоҳ кард.

– Ҳиссиёти аҷоиб, – фикр кард Тахмина, – лекин нағз салқин мекунад.

Баъд аз он ки гипс сахт шуд ва пой ҳам ором монд, дард камтар шуд.

Сулаймон кати чархдорро ба долон бурд. Онҳо аз толори хӯрок ва ҳатто аз ҳуҷраи бозӣ гузаштанд.

– Дар ин ҷо кӯдаконе бозӣ мекунанд, ки саломатии онҳо аллакай беҳтар аст. Дар он ҷо

ҳуҷраи ҳамшираҳои тиббӣ мебошад, – нишон дод ба ӯ Сулаймон.

– Дар пушти ҳамин дар чист? – донистан хост Тахмина.

– Дар ин ҳуҷра кӯдаконе ҳастанд, ки сахт беморанд. Он ҷо хеле ором аст ва ҳамшираи тиббӣ бояд ҳама вақт дар пешашон бошад.

Ошёнаи сеюм. Дар он ҷо ҳуҷраи беморон аст. Ана, ҳуҷраи 325, ки духтур гуфта буд.

Сулаймон дарро кушод ва ӯро ба хонаи равшан даровард. Дар ин ҷо аллакай се кӯдак хоб буданд! Онҳо ҳайрон шуда, ба Тахмина нигоҳ карданд.

Баъд ҳамшира Гулистон ба ҳуҷра омад. Ӯ барои ин ҳуҷра ҷавобгар буд.

– Салом, – гуфт ҳамшира ва ба Тахминаю модараш нигоҳ карда, суханашро давом дод – ман фикр мекунам, ки ин чор духтар бо якдигар дугона мешаванд. Онҳо аллакай дер боз дар ин ҷо ҳастанд ва ин ҷоро нағз мешиносанд. Робия, Самира ва Барно, ин Тахмина аст. Шумо мебинед, ӯ пояшро шикастааст. Лекин дар ин бора ӯ худаш нақл карда метавонад.

Тахмина дар кати назди тереза хобонда шуд. Аз ин ҷо тамоми шаҳрчаро дидан мумкин буд. Ӯ пояшро боло бардошта, танҳо ба тахтапушт хоб рафта метавонист.

– Хеле нофорам, – фикр кард ӯ.

– Ин барои ту фоиданок аст, – фаҳмонд ба ӯ ҳамшира Гулистон, – то ки устухони поят дуруст пайваст шавад. Ба фикрам, ту фаҳмидӣ, ки каме тоқат кардан лозим аст, то ба поят чунон гипсе гузошта шавад, ки бо он роҳ гашта тавонӣ.

– Хайр, – гуфт модар, – ба фикрам, ман

метавонам равам. Комил ва Раҳим кайҳо маро дар хона интизоранд ва донистан мехоҳанд, ки
ту дар чӣ ҳол ҳастӣ. Падарат ҳам ҳозир аз кор меояд. Агар ӯ шунавад, ки ту дар беморхона ҳастӣ, хавотир мешавад.

– Шумо дар ҳақиқат пагоҳ меоед? – пурсид Тахмина.

Ҳозир ӯ худро танҳо ҳис мекард. Бегоҳӣ ва тамоми шаб танҳо? Ва пагоҳ то нисфирӯзӣ интизор шудан? Лабонаш меҷунбиданд...

– Албатта, духтарам, – ӯро ором кард модараш, – албатта меоям, падарат ҳам меояд. Далер бош. Бояд ҳамин хел бошад. Ва..., – модар хам шуда, ӯро бӯсид, – дон, ки ту танҳо нестӣ. Ту дар ин ҷо на танҳо се ҳамсояи меҳрубон дорӣ..., оё ту медонӣ, ки боз дар наздат Кӣ ҳаст?

– Ҳа, модар, Исои Масеҳ ҳам дар наздам ҳаст.

– Хоби хуш, ширинакам!

– Хоби хуш, оча.

Тахмина аз тереза нигоҳ кард, вақте ки модараш ҳуҷраро тарк кард.

Ин шаб дар ин хонаи бегона бо душворӣ гузашт. Ӯ доим бедор мешуд. Ӯ дар бораи бисёр чизҳо фикр мекард.

Барои чӣ Исои Масеҳ роҳ дод, ки бо ӯ чунин ҳодиса рӯй диҳад? Ва оё ин айби худаш нест?

Лекин барои чӣ ӯ дар беморхона хобида аст? Падараш доим мегуфт, ки ҳеҷ ҳодиса худ аз худ рӯй намедиҳад. Набошад барои чӣ ин ҳодиса рӯй дод? Оё Исои Масеҳ чунин карда наметавонист, ки ӯ тамоман ба беморхона наафтад?

*“Магар Ӯ мехоҳад, ки ин духтарҳо дар ин ҷо дар*

*бораи Исои Масеҳ фаҳманд? Ман тамоман ин корро карда наметавонам. Ман худро бояд боздорам! Ман ин қадар бетоқат ҳастам. Исои Масеҳ, илтимос ёрӣ деҳ. Маро бубахш, ки хости Туро кам мепурсам ва низ барои он ки имрӯз ин қадар бефикрона рафтор кардам".*

Баъд ӯ дар бораи хонаашон фикр кард. Аҳволи Комил ва Раҳим чӣ хел бошад? Оё ин бегоҳ онҳо барои ӯ дуо карда бошанд?

Падар ва модараш ба ҳар ҳол дуо гуфтаанд. Ӯ аз ин хурсанд шуд. Ва баъд, хайрият, хобаш бурд...

Рӯзи дигар Тахмина аз овози ханда бедор шуд.

– Эҳ, серхоб, – гуфтанд се ҳамсоя, – оё намебинӣ, ки офтоб медурахшад. Имрӯз мо мехоҳем сайру гашт кунем!

– Ин тамоман намешавад, – хоболуд гуфт Тахмина. – Аввалан, пои ман гипс дорад ва ман роҳ гашта наметавонам, дуюм ин ки берун баромадани мо мумкин нест.

– Мо намебароем, – хандида ҷавоб дод Робия, – мо ҳама сайру гаштҳоямонро дар фикри хаёл ба ҷо меоварем ва ба якдигар нақл мекунем. Ин хандовар аст. Мо ба тамоми ҷаҳон меравем, ҳодисаҳои аҷоиб ва хандоварро мебинем ва вақт тез мегузарад.

*"Ин чӣ тавр мешавад?"* – фикр кард Тахмина. Рӯз хеле хуш метофт, агарчи ӯ бояд тамоми рӯзро дар кат мегузаронд.

Як ҳамшира ба ҳуҷра даромад.

– Салом, духтарҳо, пеш аз хӯроки наҳорӣ ҳарорати баданатонро чен мекунем.

– Барои чӣ? – ҳайрон шуда пурсид Тахмина, –

ман тамоман таб надорам-ку.

– Гар хоҳӣ ёбӣ шифо, гапи маро кун иҷро.

– Хайр майлаш, агарчи ман намефаҳмам...

– Ман мебинам, ки ту тез мефаҳмӣ, ту духтари боадаб, гар бо таб, ё ки бе таб.

– Ӯ ҳама вақт шеър мегӯяд? – донистан хост Тахмина, вақте ки ҳамшира баромад.

– Ҳа, бисёр вақт. Ӯ ҳамеша хеле хандаовар аст. Ӯро ҳама шоира меноманд. Лекин номи асосиаш Ибодат аст.

Тахмина аллакай чандин рӯз дар беморхона буд. Ба қарибӣ бояд вақти меҳмонқабулкунӣ мешуд!

– Маро имрӯз кӣ хабар мегирифта бошад, – фикр кард ӯ. Аслан дар ин рӯз наврасони ҷамоат ҷамъ мешуданд. Ӯ ҳам мехост равад. Ӯ каме зиқ шуд. Тезтар ба хона равад!

Аз долон ғалоғула шунида шуд. Аҷоиб, чӣ шуда бошад? Оё Комил ва Раҳим ба меҳмонӣ омаданд? Лекин ба назди беморон даромадани хурдсолон мумкин нест. Шояд ҳамчун истисно иҷозат додаанд? Долон каме оромтар шуд, лекин аз балкон овоз шунида мешуд.

Оҳ, ин ҳақиқат буда наметавонад! Тахмина акнун онҳоро шинохт – ва акнун ӯ онҳоро шунид.

Бешубҳа. Ҳама омада буданд. Тамоми гурӯҳи наврасон дар берун буд ва суруд мехонд. Ва акнун акаи Абдулло аз дар даромад.

– Салом, акаи Абдулло! Ваҳ чӣ хел нағз! Оҳ, ман хеле шод ҳастам!

– Ҳа, – гуфт сардори гурӯҳи наврасон, – мо фикр кардем, ки азбаски ту ба гурӯҳи наврасон омада наметавонӣ, мо ҷамъомади наврасонро

дар беморхона мегузаронем. Ҳама розӣ шуданд. Ҳамин тавр мо ба ин ҷо омадем ва ба ту якчанд суруд хондан мехоҳем.

– Ин хеле хуб аст! Ҳа, баланд хонед, то ки дигарон ҳам шунида тавонанд.

Акаи Абдулло аз дарун ишора мекард ва аз берун онҳо бо овози баланд суруд мехонданд. Ин барои ҳама хурсандиовар буд. Тахмина ҳам бо овози баланд мехонд.

Дар ҳамаи ҳуҷраҳои беморхона дарҳо кушода шуданд. Ҳама чизеро шунидан мехостанд. Ҳатто ҳамшира ва духтур гӯш медоданд.

Сурудхонӣ баланд буд ва ҳама мешуниданд:

*Маро дар осмон як Ёр бошад,*
*Ки ба ҳар кӯдаке ғамхор бошад.*
*Дилам аз меҳри Ту саршор бошад,*
*Масеҳо, меҳри Худ дар мо зиёд кун.*

Вақте ки гурӯҳи наврасон рафтанд, се духтарак ба Тахмина савол доданд:

– Тахмина, ту дар гурӯҳи наврасон чӣ мекунӣ?
– Чӣ қадар наврасон ба он ҷо меоянд?
– Ҷамъомад кай ва дар куҷо мешавад?
– Оё ба он ҷо ҳама омада метавонанд? Мо низ?

Ва Тахмина нақл кард. Аз ҳикояҳои Китоби Муқаддас, ки дар он ҷо мешунаванд, аз бозиҳо, аз сурудҳо, аз лагерҳо ва аз ҷамоат нақл кард. Нақл кард, ки дар он ҷо чӣ қадар хуб аст ва ӯ худро дар он ҷо чӣ хел ҳис мекунад. Дар бораи шодии калонтарине нақл кард, ки Исои Масеҳ медиҳад, агар мо диламонро ба ӯ диҳем ва агар аз гуноҳҳои худ тавба карда, зиндагии худро аз

нав сар кунем. Ӯ нақл кард, ки худро чӣ хел ҳис кард, вақте ки Исои Масеҳ ҳама гуноҳҳояшро бахшид. Ӯ нақл кард, ки чӣ қадар аз беморхона тарсид ва баъд аз дуо чӣ тавр тарс аз байн рафт.

– Тахмина, ба фикрам, ман ҳам мехоҳам бо ман чунин бошад.

– Тахмина, ман ҳам ба гурӯҳи наврасон омадан мехоҳам, оё ин мумкин аст?

– Не, – оҳиста гуфт Самира, – ман намедонам, ман боварӣ дорам, ки ин барои ман нест.

Ва ин дар ҳақиқат ҳамин тавр аст. Ҳар кас худаш бояд интихоб кунад. Ҳеҷ касро маҷбур кардан намешавад. Ту чиро мехоҳӣ?

## *6. Писари гумроҳшуда*

*Рӯзе нақл намуд Исо*
*Ба мардум масалеро:*
*«Шахсе дошт дуто фарзанд*
*Ду писари барӯманд.*

*Рӯзе писари хурдӣ*
*Талаб кард ҳиссааашро.*
*Падар дод хостааашро,*
*Ҳиссаи меросашро.*

*Гирифт молашро писар,*
*Рафт ба макони дигар.*
*Бо дӯстони бероҳа*
*Гуноҳ мекард ҳамвора.*
*Ин дӯстдори моҷаро*
*Зуд сарф намуд пулашро.*

*Як замон буд ӯ доро*
*Акнун сарф кард пулашро.*
*Ёрон тарк карданд ӯро,*
*Дур зи ватан монд танҳо.*
*Ба сараш омад бало,*
*Бечора гашт чун гадо.*

*Қаҳтӣ рӯй дод ҳама ҷо,*
*Шуд мард чӯпони хукҳо.*
*Хост хӯрад ӯ харнубро,*
*Ки буд хӯроки хукҳо,*
*Лек надодандаш онро.*
*Аз ҳоли худ кашид оҳ.*

*Ба худ омад ӯ ногоҳ, Шуд*
*аз ҳоли худ огоҳ. Гуфто:*
*"Ҳоли ман табоҳ, Суде*
*нест аз оҳу воҳ.*

*Равам ба назди падар,*
*Шояд бахшад ӯ писар”.*

*Ба хона шуд равона*
*Истод назди дарвоза.*
*“Оё мебахшад ҳоло*
*Падар гуноҳи маро?*
*Қабул мекунад оё,*
*Писари гумроҳашро?”.*

*Писар буд дар сари роҳ*
*Падар дид ӯро ногоҳ.*
*Давид ӯ ба сари роҳ*
*Сӯи писари гумроҳ.*
*Писар гуфт: “Бубахш маро!*
*Бад кардам пеши Худо”.*

*“Бахшидамат”, – гуфт падар*
*Ба писари дар ба дар.*
*Оғӯш кашид бачаро,*
*Хабардор кард ҳамаро.*
*Хурсандӣ карданд онҳо.*
*Баргашт писари гумроҳ».*

*Писари Худо Исо*
*Намекунад ҳеҷ хато.*
*Бо меҳр мебахшад туро,*
*Баргард з-ин роҳи табоҳ,*
*Ки мебарад ба гуноҳ,*

*Зону зан пеши Худо,*
*Бихон ба Масеҳ сано.*

## 7. Сомарии нек

*Исо насиҳаткунон*
*Гуфт масал ба одамон:*
*«Шахсе рафт аз хонааш*
*Аз пайи кори худаш.*

*Дар роҳ вохӯрданд дуздон,*
*Заданд ӯро беамон.*
*Бурданд бераҳм бадкорон*
*Либоси он нотавон.*

*Мард мӯҳтоҷи ёварон*
*Хобида дар кӯҳсорон.*
*Дардманд ҳама ҷисму ҷон,*
*Мебаровард ӯ фиғон.*

*Коҳине гузашт аз роҳ*
*Мардро бидид ӯ ногоҳ. "Аз*
*бало ҳазар" гӯён Гузашта*
*рафт шитобон.*

*Левизода он пагоҳ Гузар*
*намуд аз он роҳ. Ногоҳ дид*
*бечораро, Дарҳол тарк*
*кард он ҷоро.*

*Сомарие он пагоҳ Гузар*
*намуд аз он роҳ. Дучор*
*шуд ба он пурдард, Дилаш*
*бисӯхт ба он мард.*

*Ӯ буд шахси меҳрубон,*
*Шуст захмҳои он инсон.*
*Баст ҷароҳатҳояшро.*
*Тасалло дод он мардро».*

*Куҷост ин гуна инсон,*
*Раҳонад бечорагон?*
*Масеҳо гуфт ба ҷаҳон:*
*"Ту дардманду Ман дармон".*

## 8. Мағораҳои Кумрон

Соли 1947 дар наздикии баҳри Мурда як



онбачаи араб роҳгум зад. Байни арсангҳои луч, на он қадар дур аз димнаҳои Кумрон ӯ дар байни харсангҳо сӯрохеро дид. Вай бо як азоб ба он ҷо даромад. Маълум шуд, ки ин сӯрох даромадгоҳи як ғори то ҳол тадқиқнашуда мебошад. Ногаҳон писарбача чанд зарфи сафолинро дид. Дар онҳо дастхатҳои чармини лӯлапеч буданд.

Аз тадқиқотҳо маълум шуд, ки чандин садсолаҳо пеш дар ин ҷо дастхатҳои қадимаи қиматбаҳоро аз душманҳо пинҳон кардаанд.

Чӯпонбача як дастхатро бо худ гирифт. Вақте

ки бостоншиносон онро дида, ба он таваҷҷӯҳ пайдо карданд, ӯ дар ҳайрат монд.

Арабҳо ва олимон ҳарисона ба кофтукови дастхатҳо баромаданд.

Дар давоми якчанд сол дар он ҷойҳо китобхонаҳои нави махфӣ ёфт шуданд.

Нархи дастхатҳои ёфтшуда ба миллионҳо расид.

Хабари ёфт шудани дастхатҳо аз баҳри Мурда диққати олимонро ҷалб кард, ки онҳо то ҳол барои ошкор намудани муаммоҳои матнҳо кор мекунанд.

Барои мо аз ҳама муҳим дастхати китоби Ишаъё, қисми калони Таврот, мебошад. Ин дастхат дар китобхонаи донишгоҳи Уршалим нигоҳ дошта мешавад.

Бо ёрии дастгоҳҳои ҳозиразамон анализи радиологӣ нишон дод, ки дастхати китоби Ишаъё, ки дар мағораҳои Кумрон ёфт шудааст, соли 70-уми пеш аз милод навишта шудааст.

Ақидаҳои олимоне ки ба ҳақиқӣ будани китоби Ишаъё шубҳа доштанд ва Китоби Муқаддас пур аз хатоҳост мегуфтанд, бори дигар рад карда шуданд. Тадқиқи бодиққати дастхатҳо ба мо чӣ доданд?

Ба ҳар як хонандаи Китоби Муқаддас шунидан хурсандиовар аст, ки ҳуҷҷатҳои қадима аниқу дақиқ будани Китоби Муқаддасро боз як бор исбот намуданд.

Сухани Худо ба мисли санги сахра мебошад. Он раднашаванда аст.

*«Осмон ва замин гузарон аст, лекин сухани Ман гузарон нест (Матто 24:35)».*

## *9. Китоби машҳуртарин дар ҷаҳон*

Инҷил аз ҷумлаи китобҳои аввалинест, ки дар замони худ ба забонҳои дигар тарҷума шудааст.

Дар айни ҳол Китоби Муқаддас тақрибан пурра ё қисман ба 1800 забон тарҷума шудааст. Дар рӯи ҷаҳон ҳазорҳо олимон Китоби Муқаддасро ба дигар забонҳо тарҷума карда истодаанд. Ҳарчанд боз зиёда аз 1000 қабилаҳои хурди бутпараст тарҷумаи Китоби Муқаддасро ба забони худ надоранд, 97% аҳолии ҷаҳон имконият дорад, ки ақаллан як қисми онро хонад.

Инҷили Юҳанно, боби 3, ояти 16

Дар поён як оят аз Китоби Муқаддас – Юҳанно 3:16 – хушхабар дар шакли хурд ҷойгир карда шудааст, ки "дили Китоби Муқаддас" ҳисобида мешавад, зеро дар ин оят тамоми муҳаббати Худо ифода ёфтааст: "Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ ион оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад".

Африкаас — Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ

Want so lief het God die wêreld gehad, dat Hy sy eniggebore Seun gegee het, sodat elkeen wat in Hom glo, nie verlore mag gaan nie, maar die ewige lewe kan hê.

Арабӣ Миср

لِأَنَّهُ هَكَذَا أَحَبَّ ٱللهُ ٱلْعَالَمَ حَتَّى بَذَلَ ٱبْنَهُ ٱلْوَحِيدَ لِكَيْ
لَا يَهْلِكَ كُلُّ مَنْ يُؤْمِنُ بِهِ بَلْ تَكُونُ لَهُ ٱلْحَيَوٰةُ ٱلْأَبَدِيَّةُ ◆

Бирмавӣ Бирма

[illegible]

Индонезиягӣ Индонезия

[illegible]

Хитоӣ Хитой

上帝愛世人、甚至將他的獨生子賜給他們、叫一切信他的、不至滅亡、反得永生。

Амхарӣ Ҳабашистон

እስመ ፡ ከመዝ ፡ አፍቀር ፡ እግዚአብሔር ፡
ለዓለም ፡ እስከ ፡ ወልደ ፡ ዋሕደ ፡ ወሀበ ፡ ቤዛ ፡
ከመ ፡ ኵሉ ፡ ዘየአምን ፡ ቦቱ ፡ ኢይትሐጐል ፡
አላ ፡ ይረክብ ፡ ሕይወተ ፡ ዘለዓለም ፡፡

Олмонӣ Олмон

Also hat Gott die Welt geliebt, daß er seinen eingeborenen Sohn gab, auf daß jeder, der an ihn glaubt, nicht verloren gehe, sondern ewiges Leben habe.

Англисӣ Англия

For God so loved the world, that he gave his only begotten Son, that whosoever believeth in him should not perish, but have everlasting life.

Фризӣ Фризия

Ĉar Dio tiel amis la mondon, ke li donis sian solenaskitan Filon, por ke ciu, kiu kredas je li, ne pereu, sed havu eternan vivon.

Франсавӣ Франсия

Car Dieu a tellement aimé le monde, qu'il a donné son Fils unique, afin que quiconque croit en lui ne périsse point, mais qu'il ait la vie éternelle.

Юнонӣ Юнон

*Οὕτως γὰρ ἠγάπησεν ὁ Θεὸς τὸν κόσμον, ὥστε τὸν Υἱὸν τὸν μονογενῆ ἔδωκεν, ἵνα πᾶς ὁ πιστεύων εἰς αὐτὸν μὴ ἀπόληται ἀλλ' ἔχῃ ζωὴν αἰώνιον.*

Иврит Исроил

כִּי־אַהֲבָה רַבָּה אָהַב הָאֱלֹהִים אֶת־הָעוֹלָם עַד־
אֲשֶׁר נָתַן אֶת־בְּנוֹ אֶת־יְחִידוֹ לְמַעַן אֲשֶׁר לֹא־יֹאבַד
כָּל־הַמַּאֲמִין בּוֹ כִּי אִם־יִחְיֶה חַיֵּי עוֹלָם׃

Ҳиндӣ Ҳиндустон

क्योंकि ईश्वरने जगतको ऐसा प्रेम रक्खा कि उसने अपना एकलौता पुत्र दिया कि जो कोई उसपर बिश्वास करे सो नाश न होय परन्तु अनन्त जीवन पावे।

Забони конго Конго

Kadi muna nzola kazolele nza o Nzambi i kavanin'o Mwan'andi amosi, kimana konso on okwikilanga muna yandi ke vila ko, moyo a mvu ya mvu kevwa.

Лотинӣ Империяи Рум

Sic enim dilexit Deus mundum, ut Filium suum unigenitum daret: ut omnis qui credit in eum, non pereat, sed habeat uitam aeternam.

Ҳолландӣ Ҳолландия

Want alzo lief heeft God de wereld gehad, dat Hij zijnen eniggeboren Zoon gegeven heeft, opdat een ieder, die in Hem gelooft, niet verloren ga, maar eeuwig leven hebbe.

Японӣ Япония

それ神はその獨子を賜
世を愛し給へり、すべて
る者の亡びずして永遠の
んためなり。

Явагӣ                                                    Ҷазираи Ява (Индониезия)



Англо-африкоӣ                                                    Суринам

Bikasi Gado ben lobbi ala soema so, tee a gi da wan lobbi Pikien vo hem abra; vo ala soema, disi de bribi na hem, no moe go lasi, ma vo dem habi da liebi vo teego.

Русӣ                                                    Русия

**Ибо так возлюбил Бог мир, что отдал Сына Своего единородного, дабы всякий, верующий в Него, не погиб, но имел жизнь вечную.**

Тибетӣ                                                    Тибет



Диалекти тоба Ҷазираи Суматра



Туркӣ Туркия

Tanrı dünyayı öyle sevdi ki, biricik Oğlu'nu verdi. Şöyle ki, O'na her kim iman ederse mahvolmasın, ama sonsuz yaşama kavuşsun.

Исландӣ Исландия

Pvi svo elskadi gud heiminn, ad hann gaf sinn eingetinn son, til pess, ad hver, sem á hann trúir, ekki tapist, heldur hafi eilift lif.

# 10. Филм дар бораи ҳаёти мо




Оё ту барои хондани Китоби Муқаддас вақт ҷудо мекунӣ? Барои тавба чӣ? Барои дуо чӣ? Ҳаёти заминии мо хеле кӯтоҳ аст, он ба мисли *“Филм дар бораи ҳаёти мо”* хеле зуд мегузарад.

Рӯзе барои ту низ дер мешавад. *“Ва Офаринандаи худро дар айёми ҷавонии худ дар хотир нигоҳ дор, пеш аз он ки айёми бадӣ биёяд, ва солҳое фаро расад, ки ту бигӯӣ: «Маро аз онҳо ҳаловате нест»” (Воиз 12:1).*

## 11. Рӯбу чини хона

Хонаи хоби ӯ бисёр бад менамуд. Дар тамоми деворҳояш чизҳои кандашуда ва суратҳои зардгашта овезон буданд.

Боре ба хонаи ӯ амаки рассомаш ба меҳмонӣ омад. Ӯ хонаи хоби ӯро дида нороҳат шуд, лекин чизе нагуфт. Баъд аз чанд рӯз рассом ба ҷиянаш расми хеле зебо – беҳтарин асари санъатро равон кард.

Дар девори хонаи хоби ӯ ин расм ҷои намоёнро ишғол кард, вале барои ин лозим омад, ки якчанд расми дигарро аз ҷояш гирад.

Дарҳол таассуроте пайдо шуд, ки дар ҳуҷра тамоман муҳити дигар, муҳити нав пайдо шуд, суратҳои кӯҳна аз девор пайиҳам нест мешуданд. Дар назди ин расм онҳо тамоман номувофиқ менамуданд.

Агар ту ба хондани Китоби Муқаддас сар кунӣ, аз девор ё аз ҷевони ту низ баъзе чизҳо ғайб мезананд. Кӣ медонад, шояд аз ҷойҳои тираи дили ту низ баъзе чизҳо нест мешаванд.

*«Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштанд, ва инак ҳама чиз нав шудааст» (2Қӯринтиён 5:17).*

*«Бисёре аз онҳо ки ба ҷодугарӣ машғул буданд, китобҳои худро оварда, дар пеши назари ҳама сӯзонданд; вақте ки арзиши онҳоро ҳисоб карданд, маълум шуд, ки баробари панҷоҳ ҳазор дирҳам аст.* Сухани *Худо ҳамин тавр қувват мегирифт ва интишор мееёфт» (Аъмол 19:19-20).*

## 12. Ба хона баргард

Вай ба сатҳи поёнтарини Чикаго афтид. Дар аввал ҳамааш шавқовар буд, лекин баъдтар шавқу ҳавас аз дилаш берун шуд, танҳо дарду алам ва ноумедӣ дар дилаш монд.

Вай ҳоло ҳам бо дӯстон ва дугонаҳояш хурсандӣ мекард, вале дар қаъри дилаш чун пештара ғамгинӣ ва дилтангӣ, андӯҳи фарзанди гумшудаву роҳгумзада буд.




Вале модараш тамоми ин солҳо ӯро интизор буд. Ӯ кайҳо мехост духтарашро ҷустуҷӯ кунад, вале аз куҷо?

Муҳаббат ба ин савол ҷавоб дод.

Модар хост мактуб нависад, вале боз ҳам: ба куҷо?

Суроғаи духтарашро ҳатто полисҳо

намедонистанд. Он гоҳ модар суратҳои худро дар маҳалҳои бадтарини шаҳр овезон кард. Дар сурат ӯ аз ғаму ғусса пир метофт. Модар дар зери расми худ навишт: “Ба хона баргард! Ман интизори туям!”

Оё духтараш ин суханонро мехонад? Оё ӯ ба суханони модараш итоат мекунад?

Кӯча торик буд. Дар яке аз қаҳвахонаҳо дастаи бачаҳои кӯчагӣ мусиқӣ менавохт. Аз паҳлӯ як зани ҷавон мегузашт. Чашмҳои тираи ӯ бемақсад ба атроф менигаристанд. Аз афташ, зиндагӣ барояш хуш набуд. Ногаҳон вай зуд дар ҷояш истод. Ӯ дар девор сурати зани пирро дид.

Дар зери расм навишта шуда буд: “Ба хона баргард! Ман интизори туям!”

Ӯ яку якбора садои дилхароше баровард:

– Модарҷон!

Ва... баъд аз чанд соат ӯ аллакай дар хона буд.

Шаш калима: “Ба хона баргард! Ман интизори туям!” – охир ин он қадар зиёд нест. Вале дар ин суханон мазмуни мактубест, ки Худо бо он ба ту муроҷиат мекунад: “Ба хона баргард! Оне ки туро дӯст медорад, интизори туст!”

## *13. Заҳри шобезак*

Мо ҳама бовар мекунем, ки заҳри шобезак* хеле хатарнок аст. Барои боварӣ ҳосил кардан лозим нест, ки меваи онро хӯрем. Айнан ҳамин хел барои фаҳмидани нопокӣ лозим нест, ки мо китобҳои нопоку бадахлоқро хонем.

* шобезак – растании заҳрноки меваҳояш сиёҳранг

Китобҳои мардони имонро дар бораи он ки онҳо аз Сухани Худо чӣ ёфтаанд, хон. Чунин китобҳо ҳамеша туро водор месозанд, ки зуд-зуд беҳтарин китоби ҷаҳон – Сухани Худоро ба даст гирӣ. Зеро ки Каломи Худо зинда аст ва ҳатман ба ту сӯи хушбахтии ҷовидонӣ роҳ нишон медиҳад.

## *14. Мактубе аз дӯст*

Як шоҳдухтар дар рӯзи таваллудаш аз дӯсташ тӯҳфаи коғазпече гирифт. Вай коғазпечро кушода, дар он ҷо саққои сиёҳеро дид. Шоҳдухтар бисёр ғамгин ва ноумед гашта, саққоро ба як кунҷи хона партофт. Вақте ки ғилофи саққо шикаст, шоҳдухтар дар ҳайрат монд, чунки дар даруни он боз як саққои нуқрагин буд. Шоҳдухтар онро ба даст гирифт, лекин нохост чизеро зер кард, ки аз таги ҷилди нуқрагин ғилофи тиллоие пайдо гашт. Онро кушодан тамоман мушкил набуд. Дар бахмали сиёҳе ангуштарини қиматбаҳое буд, ки нигинаш алмос буд. Дар наздаш навиштаҷоте буд: «Бо муҳаббат ба ту!»

Бисёриҳо чунин рафтор мекунанд. Бори аввал Китоби Муқаддас маъқул намешавад. Дар он ҷо бисёр чизҳо нофаҳмо ва дилгиркунанда метобанд. Аммо ба касе ки ба мазмуни он амиқтар нигоҳ мекунаду хонданро бас намекунад, ҳатман дурахшониву зебоӣ ва аниқии Навиштаҳои Илоҳӣ кушода мешавад. Ва ҳамаи ин:

*Бо муҳаббат ба ту!*

# 15. Исбот

Дар мағоза пушти пештахта сабзавотфурӯше нишаста, Китоби Муқаддасро мехонд. Ӯ дар вақтҳои холӣ хондани ин китобро хеле дӯст медошт.

Як рӯз ҷавонмарде, ки бисёр вақт аз ӯ сабзавот мехарид пурсид:

– Шумо ҳамеша ҳамон як Китобро мехонед. Наход он ин қадар шавқовар бошад? Ва он чӣ Китоб аст?

Фурӯшанда ҷавоб дод:

– Ин Тавроту Инҷил, Сухани Худост!

– Аммо шумо аз куҷо медонед, ки Китоби Муқаддас Сухани Худост? Кӣ инро ба шумо гуфт?

– Худи Худо! Наход, ки Худо бо шумо гап зада бошад? Исбот кунед, ки Китоби Муқаддас Сухани Худост.

Фурӯшанда парешон шуд. Чӣ гуна исбот кардан мумкин аст, ки Китоби Муқаддас Сухани Худост?

Ӯ андешамандона ба офтоби дурахшон ишора карда гуфт:

– Шумо исбот карда метавонед, ки ин офтоб аст?

– Исбот кунам? – гуфт ҷавонмард. – Марҳамат. Ин бисёр осон аст. Исботи аз ҳама дуруст ва беҳтарин ин аст, ки он гармӣ ва рӯшноӣ медиҳад.

– Дуруст! – фарёд зад фурӯшанда, – Китоби Муқаддас Сухани Худост, зеро он ба ҷони ман гармӣ ва рӯшноӣ медиҳад.

## 16. Дар Китоби Муқаддас зиддият нест

Китоби Муқаддас хулосаи тадқиқоти илмӣ нест, ки бисёр вақт чун дар илми бостоншиносӣ, физика, геология, астрономия ба ҳамдигар зид мешаванд.

Оё Касе ки ҳамаи ҷаҳон ва ҳамаи хирадмандиро офаридааст, ба Худ зиддият дошта метавонад?

Китоби Муқаддас комил аст.

Чӣ тавре ки тиллоро ба оби тилло тар намекунанд ва ёқутро ранг намекунанд, ҳамин тавр Китоби Муқаддас ба ислоҳ зарурат надорад.

Барои дидани офтоб чароғ даргирондан лозим нест. Ба офтоб лозим нест исбот кунад, ки он офтоб аст. Ҳамин тавр Китоби Муқаддас Сухани Худо аст.

## 17. Китоби Муқаддаси дар даруни девор ниҳон

Пеш аз он ки байни Италия ва Швейтсария нақби «Санкт-Готард» сохта шуд, ҳамаи мусофирон бояд аз ағба пиёда мегузаштанд. Барои ин вақти бисёр лозим буд.

Рӯзе гурӯҳи сохтмончиён аз Лугано ба Швейтсария ба мардикорӣ равона шуданд. Яке аз онҳо, писаре бо номи Антонио, дар роҳ бо зани солхӯрдае ба гап даромад. Зан дар бораи Исои Масеҳ ва дар бораи наҷот гап сар кард, аммо Антонио ҳатто гӯш кардан нахост. Баъд зан илтимос кард, ки ҳамчун тӯҳфа Китоби

Муқаддаси зебоеро, ки рӯйпӯши чармин дошт, қабул намояд. Антонио барои наранҷидани зан тӯҳфаро қабул кард, аммо нахонд.

Антонио ба Глазус расида, дар сохтмони бинои калон ба кор даромад. Ӯ бо рафиқонаш кор карда, бисёр вақт онҳоро масхара мекард ва ҳақоратгӯӣ мекард, чуноне ки онҳо низ.

Дар вақти андова кардани девор Антонио ба шикофи девор, ки бояд маҳкам мекард, аҳамият дод. Дар ин вақт Китоби Муқаддас, ки даруни борхалтааш буд, ба ёдаш расид.

Ӯ бо ханда ба дӯстонаш гуфт:

– Бачаҳо, бинед ана ҳамин Китоби Муқаддасро, тӯҳфаро аз зане ки боре оиди ӯ нақл карда будам, ҳозир ба сӯрохии девор андохта, аз болояш андова мекунам.

Китоби Муқаддас базӯр ба шикофӣ даромад, ҳатто ҷилдаш каме зарар дид.

– Бинед, боз аз болояш андова ва... – хандида гуфт Антонио, – акнун мебинем, ки Исои Масеҳ Китоби Муқаддасро чӣ хел аз ин ҷо мебарорад.

Баъди тамом кардани кор Антонио ба ватани худ баргашт.

10 майи соли 1861 дар Глазус сӯхтори калоне шуд. 490 бино сӯхт. Барои аз нав барқарор намудани биноҳо гурӯҳи сохтмончиён аз Италияи шимолӣ кор мекарданд. Ба Йоҳаннес ном усто фармуданд, ки бинои зарардидаро аз назар гузаронад.

Йоҳаннес ба кор машғул шуд. Ӯ деворҳоро бо болға тақ-тақ мезад. Нохост як порчаи калони

андова ғалтид. Бо ҳайрат вай дар шикофӣ китоберо дид. Ӯ эҳтиёткорона китобро ба даст гирифт. Ин Китоби Муқаддас буд. Чӣ хел он дар ин ҷо пайдо шуд? Як вақте Йоҳаннес Китоби Муқаддас дошт, аммо онро дар вақташ хонда натавонист, чунки китобро аз дасташ гирифтанд. *«Ин дафъа ҳеҷ кас онро аз дастам намегирад!»* – фикр кард Йоҳаннес.

Аз он вақт ӯ кӯшиш мекард, ки Сухани Худоро омӯзад. На ҳама чиз ба ӯ фаҳмо буд, аммо ӯ аз таҳти дил мехонд. Ӯ ба зудӣ фаҳмид, ки гуноҳкор аст, вале Худо ӯро дӯст медорад, ва ба воситаи Исои Масеҳ ба Худо рӯ оварда, бахшида шудани ҳамаи гуноҳҳоро ба даст овардан мумкин аст.

Ӯ тирамоҳ ба ватан баргашта, бо хурсандӣ ба оилааш дар бораи наҷоте ки ба воситаи Китоби Муқаддас ёфт, нақл мекард. Аз он рӯз Йоҳаннес Сухани Худоро паҳн карда, ҳаёти худро барои наҷоти гуноҳкорон бахшид. Бисёр вақт бо ҷомадони пур аз Инҷил ӯ ба деҳаҳои наздик мерафт, то ки дар бораи наҷот нақл кунад.

Рӯзе ӯ ба деҳае омад, ки Антонио дар он ҷо зиндагӣ мекард. Мисли ҳарвақта ӯ стендро бо Китобҳои Муқаддас ба намоиш гузошт. Аз назди он ҷо Антонио мегузашт. Бозистода, ӯ гуфт:

– Китобҳои Муқаддас! Не, онҳо ба ман даркор нестанд. Ман дар Глазус якто доштам, аммо онро дар даруни девори хонае ки месохтем, маҳкам кардам. Ҳеҷ гуна Масеҳ онро аз он ҷо берун оварда наметавонад!

Йоҳаннес ҷиддӣ ба Антонио нигоҳ кард. Ӯ фаҳмид, ки бо кӣ сару кор дорад ва гуфт:

– Эҳтиёт бошед, ҷавонмард. Масхара кардан осон аст. Лекин, чӣ мегӯед, агар ман Китоби Муқаддасатонро нишон диҳам?

Антонио хандид:

– Э не! Ман онро тез мешинохтам. Лекин Масеҳ онро аз девор берун оварда наметавонад!

Сипас Йоҳаннес Китоби Муқаддасро бароварда пурсид:

– Оё Китоби Муқаддасатонро шинохтед?

Антонио ҳайрон шуда, ҳатто аз гап монд. Йоҳаннес давом медод:

– Лекин инро Худо кард, то шумо боварӣ пайдо кунед, ки Ӯ зинда аст! Масеҳ шуморо ҳам мехоҳад наҷот диҳад!

Ин суханон Антониоро сангдил карданд, агарчи ӯ медонист, ки ноҳақ аст. Ӯ ва рафиқонаш стендро вайрон карданд, Йоҳаннесро лату кӯб карданд ва тез дар байни тӯдаи одамони деҳа пинҳон шуданд.

Аз он вақт Антонио боз бисёртар майнӯшӣ мекард. Рӯзе ӯ маст ба кор омада, аз баландии 17 метр афтида, зарбаи сахт ёфт ва ба беморхона афтид.

Йоҳаннес дар бораи ин фаҳмид. Вай дастаи гул харида, назди Антонио ба беморхона омад. Ва ин рафтор ба Антонио таъсир кард, аммо дили ӯ сахт буд.

Ҳар ҳафта Йоҳаннес Антониоро хабар гирифта, дар бораи Китоби Муқаддас нақл мекард.

Ва оҳиста-оҳиста Антонио аввал аз зиқӣ, баъдтар аз рӯи шавқ Сухани Худоро мехондагӣ

шуд.

Боре, дар Инҷил, дар номаи Ибриён боби 12, ояти 5 ва 6 ӯ хонд: *«Ба ҷазои Худованд беэътиноӣ накун, ва ҳангоме ки Ӯ туро мазаммат намояд, маъюс нашав. Зеро Худованд ҳар киро дӯст дорад, ҷазо медиҳад»*. Антонио фаҳмид, ки Худованд ба дили ӯ дер боз тақ-тақ мекард. Бо сари хам ва дили ғамгин ӯ аз Худованд бахшиш пурсид.

Ва агарчи аз он вақт Антонио аз сабаби зарб хӯрдани суринаш бо касабаи худ кор карда наметавонист, ӯ хушбахт буд, ки ҷонаш дар Исои Масеҳ шифо ёфт. Дере нагузашта баъд аз шифо ёфтан ӯ кори сабуке ёфт, ва бо духтари Йоҳаннес оиладор шуд, ки вай на танҳо хусур, балки дӯсти наздики ӯ шуд.

Антонио кайҳо дар малакути Худо аст, лекин Китоби Муқаддасе ки пеш дар девор андова карда шуда буд, чун қиматбаҳотарин мерос ба фарзандонаш монд.

## *18. Китоби Муқаддаси пухташуда*

Ян Гусро на танҳо ислоҳотчии Богемия, балки ҳамчун риёзаткаш ҳам мешуморанд. Шаҳодати пурҷӯшу хурӯши ӯ оиди наҷоте ки Масеҳ ба амал овардааст, чашмони рӯҳонии ҳазорон касонро кушод.

Аммо шаҳодати кушодаи Инҷил дер давом накард. Ян Гус дар оташ сӯзонда шуд. Хуни масеҳиёни аз оламӣ боло таваллудшуда монанди ҷӯй мерехт, хизматгорони папаи Рум масеҳиёнро кофта таъқиб мекарданд.

Рӯзе чунин хизматгорон масеҳиёнро таъқиб

карда, дар ҷустуҷӯи Китоби Муқаддас ба деҳае зада даромаданд. Овозае паҳн шуд, ки дар хонаи ҳар кӣ Китоби Муқаддас ёфт шавад, ба ҳабс кашида мешавад.

Як зани имондор дар ин вақт назди танӯр меистод ва нон мепухт. Чӣ бояд кард? Китоби Муқаддасро дар куҷо пинҳон бояд кард? Ӯ тез ба қароре омад ва Китоби Муқаддасро гирифта, ба хамири хом андохта, бо нонҳои дигар ба танӯр андохт. Ҳамин ки вай ин корро кард, ба хонаи онҳо барои кофтуков омаданд. Ҳамаро чаппаю роста карда, аз таҳхона то болохонаро кофтанд, аммо ҳеҷ чиз наёфтанд. Таъқибкунандагон рафтанд, ҳамаи оила назди миз нишастанд.

– Бинед, Китоби Муқаддас тамоман дар танӯр зарар наёфтааст, – хитоб кард зан. – Монанди Шадрак, Мишоил ва Абднаҷу, ки подшоҳ Набукаднесар онҳоеро ба танӯри сӯзон андохт, аммо онҳо аз он ҷо бе ягон зарар баромаданд, ҳатто либосашон бӯи оташ надошт.

## *19. Китоби Муқаддаси тирхӯрда*

– Гӯш кун, барои чӣ Китоби Муқаддасат тир хӯрдааст? Охир, ин гуноҳи сахт аст. Оё ба Китоби Муқаддас тир паррондан мумкин аст? – аз сарбози пир Китоби Муқаддаси ӯро гирифта, пурсид ҷавон.

– Ин Китоби Муқаддас ду бор маро наҷот дод, – ҷавоб дод ӯ. Бори якум вақте ки роҳро сӯи Наҷоткор нишон дод, бори дуюм вақте тирро боздошт. Ин ҳангоми ҷанг буд. Ҷанг мерафт, ва маро аз як хандақ ба хандақи дигар давида

гузаштанам лозим буд. Нохост ман зарбае ва дарди ҷонхарошро дар синаам ҳис кардам. Одатан ман Китоби Муқаддасро дар кисаи сарисинагӣ мегардондам. Агар ин китоб намешуд, тир ба дили ман мерасид. Аммо Китоби Муқаддас тирро нигоҳ дошт. Ва ман бо захми на он қадар калон халос шудам. Бинобар ин Китоби Муқаддаси тирхӯрда ин қадар барои ман арзишнок аст.

## *20 Китоби Муқаддаси фурӯхташуда*

Шавҳари Линнер ном зан мурд. Вақтҳои мушкил фаро расиданд. Барои ба даст овардани хӯроквории вай ҳамаи зару зевар ва асбобу анҷоми хонаашро фурӯхт. Аммо ин маблағ тез тамом шуд. *“Чиро боз фурӯшам, охир ягон чизи қиматбаҳо дар хона намонд?”* – фикр мекард ӯ. Ба чашми хонум Линнер Китоби Муқаддас ғалтид, ки ҷилди хеле зебо дошт. Ин Китоби Муқаддасро вай дар рӯзи тӯяш аз падару модар тӯҳфа гирифта буд.

Аввал ӯ ин китобро ҳамеша мехонд ва оромию қуввати дарунӣ меёфт. Аммо аллакай муддати зиёд Китоби Муқаддас болои ҷевон пур аз чанг мехобид.

Зан каме фикр карда, Китоби Муқаддасро гирифт ва ба дӯкони китобҳои кӯҳна бурд. Барои ин китоб каме пул гирифта, андаке хӯроквории харид. Ба хона омада, фарзандонашро сер кард ва хобонд. Вақте ки танҳо монд, ба фикр рафт:

чӣ тавр ин Китоби бебаҳоро фурӯхтан мумкин буд, алалхусус ин қадар арзон? Ӯ бисёр азоби виҷдон кашида, дар охир ба қароре омад. Аз хона баромада, ба назди фурӯшандаи китобҳои кӯҳна рафт, то ки Китоби Муқаддасро гирад.

Ба назди хонаи фурӯшанда омада, аз тиреза чор мардеро дид, ки дар атрофи миз менишастанд. Соҳиби хона ба онҳо бо овози баланд мехонд. Оре, ӯ китобашро шинохт, ин Китоби Муқаддаси вай буд. Линнер дид, ки чӣ хел онҳо механдиданд, ин даҳшатнок буд.

Нохост назди миз оромӣ фаро расид. Линнер гӯш андохт. Соҳиби хона дар бораи азобҳои Исои Масеҳ хонд ва дар чашмонаш ашкҳо ҷило доданд. Ӯ хомӯш шуд, дастонашро бо Китоби Муқаддас ба поён фаровард, дӯстонаш хомӯшона рафтанд. Хонум Линнер бо гиря ба хонааш баргашт, гирякунон ба зону нишаста аз Наҷотдиҳанда бахшиш пурсид, ки Китоби Муқаддасро кайҳо боз намехонд ва боз онро фурӯхт.

Вақте ки рӯзи нав сар шуд, Худо боз ба дили вай оромӣ ва боварӣ дод. Вай медонист, ки Худо ӯро бахшид ва ӯ аз нав метавонад бо Наҷотдиҳандааш, ки ӯро дӯст медорад, роҳ равад. Ӯ боз назди фурӯшанда барои китобаш рафт. Ва ӯ бисёр ҳайрон шуд, вақте ки вайро боз дар ҳамон ҷое ки бегоҳ менишаст, дид.

Хомум Линнер хомӯшона назди дараш истод. Соҳибхона ӯро дида гуфт:

– Хонум, дар Китоби шумо ман як хазинае ёфтам, ки бароям аз ҳар сарвати ин ҷаҳон қиматтар аст. Тамоми шаб ман онро хондам.

Ман дар бораи Барраи Худо хондам, ки чӣ хел вай дар салиби Ҷолҷолто азоб кашида, мурд. Охир Ӯ барои ман ҳам азоб кашид. Ман худамро дошта натавонистам.... ва зону задам. Бо ашкҳо аз Исои Масеҳ бахшиш пурсидам, ки маро бубахшад. Вақте ки ман аз ҷой хестам.... Оҳ, эй зан, ба ман ҳамааш фаҳмо буд: ман бахшида шудам!

Хонум Линнер дар навбати худ нақл кард, ки чӣ гуна имшаб ӯ низ мисли вай аз торикӣ ба равшанӣ роҳ ёфт. Ва ин роҳро Худо ба ӯ нишон дод.

Албатта, соҳибхона ба вай Китоби Муқаддасро баргардонд ва барои худ дигарашро харид. Дере нагузашта зани вай низ бо Худо сулҳ пайдо кард. Ва ҳар дуи онҳо ғӯтаи таъмид гирифтанд.

Ана ҳамин хел ҳикояро як миссионери-яҳудӣ Якоб Август аз Страсбург пеш аз маргаш нақл кард.

## *21. Китоби Муқаддаси шинокунанда*

Ин ҳодиса бо як афсари японӣ рӯй дод, вақте вай бо киштии худ сӯи бандаргоҳи Нагасакӣ шино мекард. Вақте сафари баҳрӣ ба охир мерасид, афсар ба саҳни киштӣ баромада, дар об китоберо дид. Вай фармон дод, ки китобро дошта гиранд. Китобро ба даст гирифта ӯ дид, ки бо забони нофаҳмо чоп карда шудааст. Дар бандаргоҳ афсар аз ҳама дар бораи мазмуни ин китоб мепурсид, аммо фақат баъди ҷустуҷӯи бисёр ӯ ба як савдогари хитоӣ, ки каме забони

англисиро медонист, рӯ ба рӯ шуд. Ба китоб нигоҳ карда ӯ хитоб кард:

– О, ин китоби Исо аст! Агар шумо бо забони хитоӣ хонда тавонед, ман метавонам ба шумо чунин китоб дастрас намоям.

Афсар забони хитоиро суст медонист, аммо хоҳиши калон дошт бо ин китоб шинос шавад. Баъди чанд вақт ӯ дар даст Инҷилро ба забони хитоӣ дошт.

Дар он вақт ба хотири ҳифз ва дастгирӣ намудани бутпарастӣ дар Япония таълимоти Исои Масеҳ қабул набуд, ҳатто таъқиб мешуд. Дар охир, вақте афсар бо як мушкилӣ Инҷилро бо забони хитоӣ хонд, вай хушбахтарин одам буд. Акнун ӯ медонист, ки Исои Масеҳ ӯро бахшид ва наҷот дод.

Ва ӯ дар бораи Наҷотдиҳандаи худ хомӯш намеистод ва оиди Исои Масеҳ чунон ки дар оилааш гап мезад, дар байни дӯстонаш низ гап мезад. Ӯ яке аз одамони аввалин буд, ки дар Япония дар бораи Исои Масеҳ ошкоро шаҳодат медод. Зиндагии ӯ минбаъд тамоман дигаргун шуд.

Ва сабаби ин ҳамон Китоби Муқаддаси дар обҳои бандаргоҳи Нагасакӣ шинокунанда буд.

Инҷил қувватест, ки ҳар як касро, ки ба ин китоби хуб – Сухани Худо боварӣ дорад, наҷот медиҳад.

## 22. Китоби Муқаддаси даронидашуда

Ба воситаи Китоби Муқаддас на танҳо ҳазорҳо, балки миллионҳо одамон баракат ёфтаанд. Ва бисёр вақт як варақ ё як ҷумлаи Навиштаҳои Муқаддас гандуме мешавад, ки чанд карат ҳосил меорад.

Дар як шаҳраки хурди немисӣ барои қарз чизҳои яке аз сокинонро ба фурӯш монда буданд. Байни ин чизҳо Китоби Муқаддаси калон ҳам буд. Ба ин китоб ҳеҷ кас аҳамият намедод. Ва инак харидоре омада, ин Китобро дар ивази якчанд тин харид. Ин китоб ба вай даркор набуд, аммо ӯ варақҳои онро барои печонидан истифода бурданӣ буд. Албатта, харидор дар бораи маъно ва аҳамияти ин китоб фикр намекард ва ҳатто намедонист. Охир Худи Худо гуфтааст: *«Ончунон каломе ки аз даҳони Ман мебарояд, хоҳад буд: Вай сӯи Ман бенатиҷа нахоҳад баргашт» (Ишаъё 55:11).*

Дар ин шаҳрак яке аз сокинонро ҳамеша виҷдонаш азоб медод, чунки ӯ дар марги як одам айбдор буд. Ӯ на рӯз оромӣ дошт, на шаб. Ва агар калимаи одамкушро мешунид хаёл мекард, ки ба вай дахл дорад. Ин калима ҳамеша дар пеши чашмонаш чун ҳарфҳои тафсон меистод.

Боре вай писарашро ба мағоза барои харидани собун равон кард. Ва писараш бо хариди дар варақи китоби кӯҳна печонидашуда баргашт. Падар коғазпечро кушода, нохост ба навиштаҷоте аҳамият дод: *«...ва бе рехтани хун омурзиш нест» (Ибриён 9:22)*. Аввал нафаҳмид. Бале, вай бисёр мехост бахшида

шавад, барои ҳамин мехост фаҳмад, ки ин чӣ хел китоб аст, ва дар давомаш чӣ гуфта шудааст. Ва боз писарашро ба мағоза равон кард. Ин дафъа вай варақеро овард, ки дар он ҷо навишта шуда буд: *«Хуни Исо, Писари Ӯ, моро аз ҳар гуна гуноҳ тоза мекунад. Агар гӯем, ки мо гуноҳе надорем, худамонро фиреб медиҳем ва дар мо ростӣ нест. Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд» (Юҳанно 1:7-9).*

Ин суханон чун нури равшан ҷони ӯро фурӯзон намуданд. Гӯё ки аз китфони вай бори гароне ғалтид. *"Бахшиш ва покӣ ҳаст"*, – хурсанд шуд ӯ. Ҳа, акнун вай медонад, ки агар ба гуноҳҳояш назди Худо иқрор шавад, бо хуни Исои Масеҳ аз ҳамаи гуноҳҳояш пок мешавад.

Ӯ, ки муддати дароз виҷдонаш азобаш медод, чунон ки дар варақи Китоби Муқаддас навишта шуда буд, ҳамон тавр рафтор кард. Вай дар дилаш оромӣ ёфт. Ҳамин тавр сухани Худо, агарчи дар варақи кандашуда буд, инсонро хушбахт намуд.

## *23. Китоби Муқаддасе ки мавҷ ба соҳил овардааст*

Дар вақти тӯфони калон назди соҳилҳои Испания киштии немисӣ ғарқ шуд.

Чанд рӯз баъд мавҷ шикастапораҳои киштӣ ва либосҳои маллоҳонро ба соҳил овард. Дар кисаи як маллоҳ Инҷил бо навиштаҷоте ёфт шуд: *"Маркус Котманн, Колквизе 12, Ҳамбург.*

*Бори аввал бо хости хоҳарам Лоттӣ хондам. Бори дуюм аз тарси доварии Худо. Бори сеюм ва баъд аз он аз рӯи муҳаббат ба Наҷоткорам – Исои Масеҳ мехондам".*

## *24. Китоби Муқаддаси партофташуда*

Баҳор. Вақти ба сафи артиш гусел кардани ҷавонон. Ана ин қатора низ ҳамаи даъватшудагонро ба ҷои даркорӣ мебарад. Дар вагон дар ин ҷову он ҷо сурудхонӣ, хандаю шӯхиҳо гоҳ-гоҳ ҳақорат ба гӯш мерасид.

Дар кунҷи як купе писарбачае Китоби Муқаддаси худро, ки дар ҷилдаш адреси хонаи ӯ навишта шуда буд, мехонд. Ин кори ӯ бачаҳои дигарро ба хашм меовард.

– Барои чӣ вай суруд намехонад, ва ҳамроҳи мо шӯхӣ намекунад? – Ва онҳо хостанд ӯро мазоҳ кунанд. Яке аз онҳо аз дасти вай Китоби Муқаддасро гирифта чолокона ба тирезаи кушода партофт. Аммо даъватшуда зиқ шуда бошад ҳам, лекин хафа нашуд. Вай ҳозиракак суханони Устодро хонда буд: *"Зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам" (Матто 11:29).*

Чанд вақт гузашт, шиноси мо аскари ҷавон аз хонаашон посилкаеро мегирад, ки дар дарунаш ғайр аз хӯрокворӣ Китоби Муқаддаси худро меёбад, ки дар дарунаш мактуби аҷибе буд. Дар мактуб гуфта шуда буд, ки коргари роҳ дар қитъаи худ Китоби Муқаддасро ёфт. Вай гуноҳкор буд, аммо хондани сухани Худо, ки ӯ ба он бисёр шавқ пайдо карда буд, ба ӯ

имконият дод, ки бо Наҷоткор вохӯрад. Ба шаҳр рафта, вай Китоби Муқаддасро ба адреси дар ҷилд навишташуда равон мекунад ва ба худаш навашро мехарад. *«Зеро ки* Сухани *Худо зинда ва таъсирбахш... Ва ҳеҷ махлуқе нест, ки аз Ӯ ниҳон бошад, балки ҳама чиз пеши чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст» (Ибриён. 4:12-13).*

## *25. Китоби Муқаддаси беқадршуда*

Ин воқеа дар Фаронса рӯй дода буд. Як миссионер ба соҳиби хонае ки ӯ шабро дар он ҷо гузаронд, Китоби Муқаддасро тӯҳфа кард. Соҳибхона тӯҳфаро қабул кард ва дарҳол чанд варақи онро даронда, найча сохт ва даруни онро бо тамоку пур карда, кашидан гирифт. Миссионер аз ин кор бисёр ғамгин ва ноумед шуда, саҳар сафари худро давом дод.

Чанд сол гузашт. Ҳамон миссионер боз аз ин ҷойҳо мегузашт. Ва хонаеро, ки замоне ӯ дар он шабро гузаронда буд, низ хабар гирифт. Оилаи онҳо дар хона ғами калон доштанд. Писари калонии онҳо дар ҷанг вафот карда буд. Дар ҳамин рӯз онҳо чизҳои шахсии ӯро гирифтанд, ки дар байни онҳо Китоби Муқаддас низ буд. Миссионер ҳамдардӣ изҳор карда, то ҳадди имкон падару модарро тасаллӣ медод. Ӯ Китоби Муқаддасро ба даст гирифт ва тез шинохт. Ҳа, ин ҳамон Китоби Муқаддасе буд, ки вай ба соҳибхона тӯҳфа кард, ва чанд варақи он канда шуда буд. Миссионер хомӯшона китобро кушода, дар охири он сабтеро дид, ки шахси ҳалокшуда карда буд: *«Нафратзада ва масхарашуда, аммо дар охир имон оварда. Он*

*барои наҷоти ман хизмат кард».*

*«Алаф хушк мешавад, гул пажмурда мегардад, вале сухани Худои мо то абад қоим хоҳад монд!» (Ишаъё 40:8).*

Китоби Муқаддас мӯҳтоҷи муҳофизатгарон нест. Он нишон медиҳад, ки то кадом дараҷа одам ифлос аст. *«Зеро ки* Сухани *Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст, ва то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ, буғумҳо ва иликҳо рафта мерасад, ва андеша ва ниятҳои дилро месанҷад» (Ибриён 4:12).*

Ба одамҳо хос аст, ки виҷдони худро хомӯш кунанд. Азбаски Китоби Муқаддас ҳамаи норасоиҳои одамонро нишон медиҳад, одамон мехоҳанд аз он халос шаванд. Ва ин баробар ба он аст, ки шахсе оинаро зери по кард, чунки он ҳамаи нопокиҳои ӯро нишон дод.

## *26. Китоби Муқаддас:*

Нон аст – *«Ман ҳастам он нони зинда, ки аз осмон нозил шуд: касе ки аз ин нон бихӯрад, то абад зинда хоҳад монд».*

(Юҳанно 6:51)

Оташ аст – *«Сухани ман, охир, мисли оташ аст, мегӯяд Худованд».*

(Ирмиё 23:29)

Нур аст – *«Сухани Ту чароғ аст барои поям ва нур аст барои роҳам»*.

(Забур 118:105)

Шир аст – *«Чун кӯдакони навзод муштоқи шири поки калом бошед, то ки аз он барои наҷот нашъунамо ёбед».*

(1Петрус 2:2)

Асал аст – *«Аз асал ва қатраҳои ширaи орухона ширинтар аст».*
(Забур 18:11)

Тилло аст – *«Аз тилло ва аз зари холиси бисёр марғубтар аст».*
(Забур 18:11)

Оина аст – *«Зеро, касе ки каломро мешунаваду иҷро намекунад, ба шахсе монанд аст, ки тарҳи рӯяшро дар оина мебинад».*
(Яъқуб 1:23)

Болға аст – «Сухани *ман мисли болға сахраро пора-пора мекунад».*
(Ирмиё 23:29)

Шамшер аст – *«Ва хӯди наҷотро бигиред, ва шамшери Рӯҳро, ки* Сухани *Худост»*.
(Эфесусиён 6:17)

Тухмӣ аст – *«Чун ҷонҳои худро бо итоати ростӣ ба воситаи Рӯҳ барои бародардӯстии бериё пок кардаед, доимо якдигарро аз самими қалб дӯст бидоред, ҳамчун касоне ки аз нав ба вуҷуд омадаед на аз тухми фонӣ, балки аз тухми бефано, ба василаи каломи Худо, ки зинда аст ва то абад боқист».*
(1Петрус 1:22-23).

## 27. Китоби Муқаддаси хурдтарини чопшуда

Китоби Муқаддаси чопшудаи андозааш баробари қуттичаи гӯгирд, ки 4,5Х3Х2 см аст, 872 саҳифа дорад. Вазни ин Китоби Муқаддас 20 грамм аст. Онро фақат бо пурбин хондан мумкин аст. Онро дар Англия чоп кардаанд.

## 28. Китоби Муқаддаси микроскопӣ




Негативе ки дар ин ҷо нишон дода шудааст, 1245 вароқи Навиштаҷоти Муқаддасро дар бар мегирад.

Ин Китоби Муқаддаси хурдтарин аст. Миқёсаш 48000:1. Чунин хурд кардан бо ёрии раванди РПЦМИ (PCMI) имконпазир гардид. Ин Китоби Муқаддасро бо ёрии асбоби махсус ё бо микроскоп хондан имкон дорад.

## 29. Китоби Муқаддаси калонтарин

Дуредгаре аз Лос-Анҷелес ҳар рӯз то ними шаб 2 сол кор мекард, то ки Китоби Муқаддасро аз чӯб тайёр кунад. Ҳар як варақ тахтаи борики андозааш 1 метр аст, ҳарфҳо дар он кандакорӣ шудаанд. Китоб 8048 варақ дорад, ғафсиаш 2,5 метр, вазнаш 547 кг аст.

## *30 Аз ақл берун?*

– Китоби Муқаддас на барои ман аст, – гуфт Пётр ба рафиқонаш, – зеро он чи дар он ҷо навишта шудааст, ба ман нофаҳмо аст.

Дӯсти вай Николай нағз медонист, ки Пётр баҳона мекобад. Охир, дина Пётр аз боғи бегона себ дуздида буд. Фикр карда, Николай гуфт:

– Як чизро аз Китоби Муқаддас ту албатта фаҳмида метавонӣ.

– Чиро? – пурсид Пётр.

– Ту бояд дуздӣ накунӣ! – ҷавоб дод Николай.

Пётр шарм дошт, вай себҳоро ба ёд овард. Ӯ дар ҷавоб чизе гуфта натавонист.

## *31. Мактуби Ман*

Китоби Муқаддас мактубест, ки шахсан барои ман навишта шудааст.

Ҳамаи огоҳиҳо дар он барои ман мебошанд.

Исои Масеҳ барои ман мурд.

Ӯ ба ман наҷот пешниҳод мекунад.

Агар ман наҷот ёфтан хоҳам, бояд Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул намоям.

## *32. Ба сухани Ӯ бовар кун*

Ба одаме ҳукми қатл доданд. Пеш аз қатл ба ӯ пешкаш карданд, ки хоҳиши охиринашро гӯяд. Маҳкумшуда як пиёла об хост, ва ба ӯ дода шуд. Аммо ӯ чунон дар ҳаяҷон буд, ки дастони

ларзонаш базӯр пиёлаи обро
медоштанд. Пас довар ба ӯ гуфт:

– Ором шав, то он даме ки ин оби пиёларо нанӯшӣ, маҳкум намегардӣ. Ҳукмшуда тез обро ба замин рехт. Азбаски ҳеҷ кас обро ба пиёла ҷамъ карда натавонист, ҳаёти ӯ аз марг наҷот ёфт.

– Зеро ки ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ "оре" буд ва дар Ӯ "омин" буд (2Қӯринтиён 1:20).

## *33. Касе ки дуо намекунад*

Рӯзе як деҳқонро ба ид ба хонаи сарватманде даъват карданд. Пеши миз меҳмонони олиқадр ва муҳим менишастанд. Пеш аз хӯрок ҳеҷ кас лозим нашумурд, ки аз Худованд барои хӯрок баракат хоҳад. Фақат деҳқон аз ҷой хеста, ба Худо дуо кард.

Як меҳмон, ки сари миз нишаста буд, бо ханда пурсид:

– Гӯш кун, эй дӯст, наход то ҳол дар деҳаи шумо одати дуо гуфтан доранд.

– Не, – ҷавоб дод деҳқон, – ман ин хел намегуфтам.

– Ҳа, шояд факат одамони пир ва ақибмондаҳо дуо мегӯянд, – дигаре ба гап даромад.

– Ин низ чунин нест. Лекин дар оғили ман гов бо гӯсолаҳояш ҳаст. Ана онҳо дуо намегӯянд. Аммо касоне ки худро ба ҳайвон баробар намекунанд, одатан ба Офаридгори худ барои хӯрок ва нӯшокӣ ташаккур мегӯянд.

Ва ҳозирон ба ин ҳеҷ чиз гуфта натавонистанд.

## *34. Дастуруламал*

Ба ту маслиҳат медиҳем, ки ҳама вақт бо худ Китоби Муқаддасро пурра ё Инҷил дошта бошӣ. Дар давоми рӯз имконият ёб, ки вақти холии худро ба хондани Сухани Ҳудо сарф намоӣ, чунон ки ҳабашӣ кард: *«Ба ватан бармегашт ва бар аробаи худ нишаста, китоби Ишаъёи набиро мехонд» (Аъмол 8:28).*

## *34. Китоби Муқаддасро чӣ тавр хондан лозим аст?*

1. То ҳадди имкон Китоби Муқаддасеро истифода баред, ки аз нусхаи аслӣ тарҷума шудааст. Мутаассифона, тарҷумаҳое ҳастанд, ки дар онҳо дуршавӣ аз асл дида мешавад, зеро тарҷума ба забони гуфтугӯӣ наздик карда шудааст.

2. Ба худ қоида гузор, ки Китоби Муқаддасро рӯзе ҳеҷ набошад 15 дақиқа хонӣ (Дар як шабонарӯз 96 бор 15 дақиқагӣ ҳаст. Яке аз 96 борро ба Худо бидеҳ). Бовар кун, баъд аз чанд вақт ин 15 дақиқа бароят камӣ мекунад.

*«Бо иштиёқи комил каломро гӯш мекарданд ва ҳар рӯз Навиштаҳоро санҷида мебаромаданд» (Аъмол 17:11).*

3. Барои хондани Китоби Муқаддас кадом вақтро ҷудо мекунӣ, аҳамият надорад. Маслиҳат медиҳем, ки барои хондан саҳари барвақт ё шабона вақт ҷудо кунӣ, чунки ин вақти аз ҳама оромтар мебошад, лекин саҳари барвақт хубтар аст, зеро ту он вақт ҳанӯз бо ташвишҳо банд нестӣ. (Забур 5:3-4).

4. Китоби Муқаддасро оромона хон, тез-тез нахон, оиди хондагият фикр кун.

5. Аз Худованд хоҳиш кун, ки ба ту фаҳмиш диҳад. Ғайр аз он касе ки онро навиштааст, ба ту ҳеҷ кас Китоби Муқаддасро беҳтар фаҳмонда наметавонад.

6. Дар вақти хондан фикр кун:

хондагиятро чӣ гуна нисбати худ истифода барӣ; чунон хон, ки гӯё он маҳз ба ту навишта шудааст.

Хоҳ огоҳиҳоро хонӣ, хоҳ насиҳатҳоро, ту бояд фикр кунӣ:

– ин барои ман аст.

Ҳангоме ваъдаҳоро мехонӣ, фикр кун:

– ин ҳақиқатан барои ман аст.

7. Вақте ки мехонӣ, ҳама вақт бо худ қалам дошта бош, то дар зери чизҳое ки барои худ муҳим меҳисобӣ, хат кашӣ. Ва дар вақти даркорӣ ту онҳоро тез меёбӣ. Ва дар зери калимаҳое ки бисёр такрор мешаванд, низ хат каш: гуноҳ, бахшиш, тавба, меҳрубонӣ, муҳаббати Худо...

8. Ҳамаи он чиро, ки хондӣ, бо Худо муҳокима кун.

9. Китоби Муқаддасро аз аввал то охир хон ва баъд боз аз аввал сар кун. Ва ҳар дафъа он бароят ҳарчи зеботар ва фаҳмотар мешавад.

10. Аз Китоби Муқаддас ҷойҳоеро, ки бароят гаронбаҳо ва махсусан муҳим гардидаанд, аз ёд кун.